*Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,*
*Шавад тира аз бехирад рӯзгор.*

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

# ОМӮЗГОР

№4 (12489)
23 январи
соли 2025

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

ПЕШРАФТ



## ИМЗОИ САНАДҲОИ НАВИ ҲАМКОРӢ МИЁНИ ТОҶИКИСТОНУ ЭРОН

Аз 15 то 17 январ Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, мухтарам Масъуд Пизишкиён бо сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд. Аз рӯйи натиҷаҳои музокироти мулоқоту сатҳи олии Тоҷикистону Эрон бо иштирок ва дар ҳузури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, мухтарам Масъуд Пизишкиён 23 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид.

Зери Баёнияи муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон сарони ду давлат - мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва мухтарам Масъуд Пизишкиён имзо гузоштанд.

Дигар санадҳои имзошуда инҳоянд:

- Барномаи ҳамкорӣ миёни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати умури хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Барномаи иҷрои ҳамкорӣ миёни Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони бандар ва дарёнавардии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар рушди транзити бор тариқи бандари Чобаҳор;
- Ёддошти тафоҳум миёни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мероси фарҳангӣ, гардишгарӣ ва саноеи дастии Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи ҳунарҳои миллӣ ва муосир;
- Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Ёддошти тафоҳум миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи саноат ва технологияҳои нав барои давраи солҳои 2025-2027;
- Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Пажуҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Барномаи амалҳои муштарак ба Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони беҳзистии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар заминаҳои иҷтимоӣ ва ҳимоят аз гурӯҳҳои осебпазир;
- Ёддошти тафоҳум миёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ва Пажуҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Маркази ҷумҳуриявии илмии хуни Тоҷикистон ва Созмони интиқоли хуни Эрон;
- Ёддошти тафоҳум дар заминаи беҳдошти чорво ва байторӣ миёни Кумитаи бехатарии озуқаворӣи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҷиҳоди кишоварзии Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Нооиби Президент оид ба кор бо занон ва оилаи Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар самти занон ва оила;
- Ёддошти тафоҳум миёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ташкилоти генералии нозироти Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати иртиботот ва фановарии иттилооти Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази омори Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони миллии стандарти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соҳаи стандартизатсия ва метрология;
- Ёддошти тафоҳум дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ байни Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионии Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳуми омӯзишӣ миёни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маъмурияти гумруки Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Пажуҳишгоҳи муҳандисии генетика ва биотехнологияи Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум миёни Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони аснод ва Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази Пажуҳиши Шурои исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ миёни Муассисаи давлатии Маркази исломшиносӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази таҳқиқоти илмии Маҷмаи ҷаҳонии тақриби мазоҳиби исломии Ҷумҳурии Исломии Эрон;
- Ёддошти тафоҳуми ҳамкорӣ миёни Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати саҳомии Намоишгоҳҳои байналмилалии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар соҳаи намоишгоҳӣ.

ҚАДРДОНӢ

## Масъуд Пизишкиён - «Профессори фахрӣ»

Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, мухтарам Масъуд Пизишкиён, ки бо сафари давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доштанд, ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино ташриф овარданд.

Зимни ташриф меҳмони воломақомро Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ҳамроҳӣ намуданд. Баъд аз пазироии гарму самимӣ доктор Масъуд Пизишкиён ва ҳайати ҳамроҳонашон бо дастовардҳои илмии ҳайати профессорону омӯзгорон ва Маркази симулятсионии донишгоҳ шинос шуданд.

Сипас дар толори калони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино суҳбату вохӯрии самимию ошкорои Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, мухтарам Масъуд Пизишкиён бо ҳайати профессорону омӯзгорон ва муҳассилини Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон баргузор гардид.

Қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино вобаста ба сарфарозгардии доктор Масъуд Пизишкиён ба унвони «Профессори фахрӣ»-и донишгоҳ қироат гардида, дар фазои тантанавӣ ба меҳмони олиқадр дипломи профессорӣ супорида шуд.

Иброз гардид, ки ба ин унвон доктор Масъуд Пизишкиён барои хизматҳои шоён дар рушди илми тиб ва ҳамкории босамар дар тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси тиббӣ сарфароз гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, мухтарам Масъуд Пизишкиён зимни суханронӣ барои сарфароз гардидан ба ин унвон, истиқболи гарму самимӣ ва меҳмоннавозии гарму ҷӯшон ба мардуми Тоҷикистон изҳори миннатдорӣ намуда, барои ҳамкории минбаъда дар соҳаи тандурустӣ изҳори умедворӣ намуд. «Мо омодаем, ки дар соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла, табодули таҷрибаи табибон, дорусозӣ, ҷарроҳӣ, пизишкӣ ва дигар самтҳои соҳа ҳамкориро густариш диҳем», - изҳор доштанд Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон.

Инчунин, изҳори итминон карда шуд, ки ҳамкорӣ байни Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати беҳдошт, дармон ва омӯзиши пизишкии Ҷумҳурии Исломии Эрон боз ҳам тақвият меёбад.

Дар анҷом Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон, мухтарам Масъуд Пизишкиён дар дафтари махсуси меҳмонони фахрии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино соядаст гузоштанд.

## ТАВАҶҶУҲ

**Агар хоҳед, ки аз навовариҳои соҳаҳои маориф ва илм огоҳ бошед, асноду ҳуҷҷатҳои соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз дастовардҳои хонандагони тоҷик иттилоъ ёбед, маводу матолиби судмандро доир ба соҳа мутолиа намоед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз биомӯзед, пас ба саҳифаи расмии вазорат дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram – «Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон» пайваст шавед.**

**QR – коди саҳифаи расмии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шабакаҳои иҷтимоии Facebook ва Telegram**

*Хушбахтон аз вақт намеандешанд.*
*Александр Грибоедов*



# МАҶЛИСИ ВАСЕИ

17 январ дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардид.

Дар кори маҷлис роҳбарият ва аъзои Ҳукумати кишвар, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои сохтории он, роҳбарони мақомоти марказии давлатӣ, идораҳои назди Президент ва Ҳукумат, корхонаю муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ, бонкҳои давлатӣ ва саҳомӣ, рӯзномаю маҷаллаҳои расмӣ ва дигар шахсони масъул иштирок доранд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар дар соли 2024 муфассал баррасӣ гардида, вазифаҳои асосӣ барои соли 2025 муайян карда мешаванд.

Дар қисмати аввали маҷлис нахуст ҳисоботи Сарвазири кишвар Қоҳир Расулзода оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ дар соли 2024 шунида шуд.

Тавре таъкид гардид, соли 2024 дар ҳаёти сиёсию иқтисодии кишвар як қатор пешравиҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ба миён омад.

Дар натиҷаи татбиқи сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Президенти кишвар рушди иқтисодиёт дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуд.

Ба таъкиди Сарвазири кишвар дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 154,3 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2023 22,6 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Таварум дар сатҳи 3,6 фоиз нигоҳ дошта шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 0,2 банди фоизӣ кам мебошад.

Соли гузашта нақшаи қисми умумии даромади буҷети давлатӣ иҷро гардида, воридоти маблағҳо ба буҷет 46,9 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 1,8 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2024 нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо аз ҷониби Кумитаи андоз дар сатҳи 105,3 фоиз ё 20,4 млрд. сомонӣ ва Хадамоти гумрук 106,8 фоиз ё 9,7 млрд сомонӣ таъмин гардид, ки нисбат ба нақша мутаносибан 1 млрд. 18 млн. сомонӣ ва 618 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Зикр гардид, ки ба қисми даромади буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз ҳисоби андози иҷтимоӣ 3,8 млрд. сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 9,4 фоиз зиёд мебошад.

Сарвазири кишвар иброз доштанд, ки дар соли ҳисоботӣ суръати рушди соҳаи саноат 20 фоиз таъмин ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 53,8 млрд. сомонӣ баробар гардид.

Соли 2024 дар ҳудуди кишвар 740 корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ, аз ҷумла, 528 корхонаи нави саноатӣ бо таъсиси наздики 20 ҳазор ҷойҳои кории нав, иловагӣ ва барқароршуда мавриди истифода қарор дода шуд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади таъмини устувории низоми энергетикии кишвар ва истифодаи самараноки манбаъҳои барқарошавандаи неруи барқ дар соли сипаришуда корҳо дар доираи 18 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ барои бунёд ва таҷдиди нерӯгоҳҳои барқӣ, кам намудани талафоти неруи барқ ва ҷорӣ намудани низоми биллингии он, электрофикатсияи деҳот, бунёди хатҳои интиқол ва тақсимоти барқ ва солимгардонии вазъи молиявии соҳа ба маблағи умумии 1,7 млрд. доллар ба роҳ монда шуд.

Соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 74 млрд. сомонӣ расонида шуда, суръати афзоиши он ба 10,6 фоиз, аз ҷумла, растанипарварӣ 13,4 фоиз ва чорводорӣ 4,9 фоиз баробар гардид.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ ва беҳсозии фазои сармоягузорӣ тайи солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати кишвар бо роҳи пешниҳод намудани имтиёзҳои андозию гумрукӣ дар самти рушди истеҳсолоти дохилӣ як қатор тадбирҳо андешида шуд.

Тибқи маълумоти пешакӣ дар соли 2024 ба кишвар 4,9 млрд. доллар сармояи хориҷӣ ворид шудааст, ки нисбат ба соли 2023 2,1 млрд. доллар ё 73 фоиз зиёд мебошад.

Дар соли 2024 маҷмӯи лоиҳаҳои сармоягузории давлатии амалкунанда дар кишвар 90 адад ва ҳаҷми маблағи онҳо 51,9 млрд. сомониро ташкил намуд.

Дар натиҷаи андешидани чораҳои амалӣ соли 2024 гардиши савдо 13,6 фоиз афзоиш ёфта, ҳаҷми он ба 65,8 млрд. сомонӣ баробар гардид.

Сарвазири кишвар изҳор доштанд, ки дар давраи ҳисоботӣ шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ҷумҳурӣ ба 744 адад расид, ки дар муқоиса ба соли 2023-юм 27 муассиса зиёд мебошад. Шумораи марказҳои инкишофи барвақтии кӯдак бошад, дар ин давра 503 адад зиёд шудааст.



Соли 2024 дар ҷумҳурӣ 273 адад муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бинову синфхонаҳои иловагӣ барои 57 610 ҷойи нишаст дар як баст бунёд гардид. Дар маҷмуъ, 2 миллиону 357 ҳазор хонанда ба таҳсил фаро гирифта шуд.

Соли ҳисоботӣ дар ҷумҳурӣ 65 муассисаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ фаъолият намуд, ки дар онҳо аз рӯйи 14 самт ва 135 ихтисос 23 ҳазору 500 нафар хонанда ба таҳсил фаро гирифта шудаанд.

Таъкид гардид, ки бо мақсади рушди соҳаи тандурустӣ ва сари вақт бартараф намудани мушкилоти мавҷуда соли 2024 аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳа 3,7 млрд. сомонӣ равона карда шуд, ки нисбат ба соли 2023 12,6 фоиз зиёд мебошад.

Гуфта шуд, ки дар сиёсати давлати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад.

Давоми соли 2024 бо мусоидати мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ, аз ҷумла, тавассути ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ 22,5 ҳазор нафар ба намудҳои гуногуни шуғл таъмин гардиданд.

Дар соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 247 ҳазор ҷойҳои кории нав таъсис дода шуд, ки аз ин 74 ҳазор доимӣ мебошад.

Тавре зикр гардид, пешравиҳо дар самти рушди сайёҳӣ, тарғибу ташвиқ ва ривоҷ додани ҳунарҳои мардумӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, гуфта шуд, ки дар соли 2024 1,4 млн. сайёҳ ба Тоҷикистон ташриф овардаанд.

Таъкид гардид, ки дар ин давра дар самти баргузории чорабиниҳои фарҳангиву оммавӣ ва маърифатӣ фаъолияти сохторҳои давлатӣ тақвият дода шуд.

Бахусус, баргузории барномаи фарҳангӣ бахшида ба бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО, инчунин, ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардидани «Ҷашни Меҳргон» ва «Санъати сохту навохтани рубоб» аз қабили руйдодҳои муҳим ба ҳисоб мераванд.

Дар идомаи маҷлиси васеи Ҳукумати кишвар ҳисоботи вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири рушди иқтисод ва савдо Завқӣ Завқизода, раиси Кумитаи андоз Нусратулло Давлатзода, сардори Хадамоти гумрук Хуршед Каримзода ва директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа Дилмурод Давлатзода шунида шуд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарони вазорату идораҳои самти иқтисод ва молия дар пайи ҳисоботашон доир ба дарёфти сарчашмаҳои нави даромад ба буҷети давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд.

Доир ба фаъолияти мақомоти назоративу санҷишӣ дар самти пешгирии ҷиноятҳо чиноятқорӣ, бартарафсозии қонуншиканиҳо дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва рияи хатмии қонунҳои амалкунандаи кишвар Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон, Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия Сулаймон Султонзода ва раиси Палатаи ҳисоб Қарахон Чиллазода ҳисобот доданд.

Дар идомаи маҷлис Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Султон Раҳимзода, Раиси Бонки Миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, Раиси Бонки давлатии амонатгузории Амонатбонк Алиҷон Салимзода, вазири саноат ва технологияҳои нав Шералӣ Кабир, вазири кишоварзӣ Қурбон Ҳакимзода, вазири энергетика ва захираҳои об Далер Ҷумъа оид ба рафти иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазъи рушди соҳаҳо ба Сарвари давлат гузориш доданд.

Зимни ҳисоботи вазири кишоварзӣ Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доир ба ривоҷ додани бахши паҳтакорӣ, ки яке аз манбаъҳои асосии таъмини ашёи хом барои саноати сабук ва ҷойҳои фаровони корӣ барои мардум аст, ба масъулони сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ супоришҳои қатъӣ доданд.

Ҳамчунин, супоришҳои мушаххас доир ба рушди соҳаи саноат, аз ҷумла, иҷрои ҳадафҳои солҳои 2022-2026 «Солҳои рушди саноат», дигар барномаҳои давлатӣ, афзун намудани иқтидорҳои истеҳсоли неруи барқ ва кам кардани талафоти барқ дода шуд.

Дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаи корҳо дар соли 2024, ҳамчунин, ҳисоботи вазири нақлиёт Азим Иброҳим ва раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Баҳодур Шерализода шунида шуд.

Ба масъулини соҳаҳо супориш дода шуд, ки барои суръат бахшидани раванди рақамикунонии соҳаи нақлиёт, роҳандозии инфрасохтор барои нақлиёти барқӣ ва пайомадҳои тағйирёбии иқлим, беҳдошти вазъи экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва дигар масъалаҳои марбут ба бахшҳо чораҳои бетаъхир андешанд.

Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни ҳисоботи худ изҳор доштанд, ки соли 2024 аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии кишвар ва дар ин замина баланд бардоштани некуаҳволии сокинони пойтахт, инчунин, ба марҳалаи нави рушд ворид намудани шаҳри Душанбе як қатор иқдомоти созанда амалӣ гардид.

Соли 2024 маҷмуи маҳсулоти пойтахт ба 31,3 миллиард сомонӣ расида, суръати афзоиши он нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз афзоиш ёфт. Ҳиссаи пойтахт дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 20,4 фоизро ташкил кард.

Корхонаҳои саноатии шаҳри Душанбе дар ин давра ба маблағи 5,2 миллиард сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд ва суръати рушд нисбат ба соли гузашта 25 фоиз афзоиш ёфт. Ҳаҷми содироти корхонаҳои шаҳр ба хориҷи кишвар ба беш аз 170 миллион сомонӣ расонида шуд.

Ба таъкиди Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ, соли сипаришуда дар пойтахт 141 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бо беш аз 7600 ҷойи кории нав ба фаъолият шуруъ намуд.

Соли 2024 дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиву иҷтимоии шаҳр аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо зиёда аз 43 ҳазор ва дар зарфи 8 соли охир беш аз 280 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуд.

Гуфта шуд, ки дар 4 соли фаъолияти Фонди дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ барои амалисозии 62 лоиҳаи соҳибкорони истеҳсолӣ беш аз 302 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзнок дода шуд ва бо истифода аз қарзҳои додашуда то имрӯз 60 коргоҳу корхонаи истеҳсолӣ бо таъсиси беш аз 2 ҳазор ҷойи нави корӣ бунёд ёфт.

Зикр гардид, ки тибқи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори 35-солагии истиқлоли давлатӣ 4 ҳазору 337 тадбир амалӣ гардида, беш аз 14 ҳазор ҷойи кории нав муҳайё карда мешавад.

То имрӯз 2 ҳазору 464 тадбир, аз ҷумла, бунёди 37 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва томактабӣ, 21 муассисаи тандурустӣ, 56 коргоҳу корхонаи саноатӣ, 44 километр роҳ, 9 иншооти варзиш, 5 меҳмонхона ва иншооти дигар бо таъсиси зиёда аз 8 ҳазор ҷойи нави корӣ амалӣ карда шуд.

Таъкид гардид, ки соли 2024 дар корхонаҳои барқу гармидиҳӣ 1,7 миллиард киловатт-соат неруи барқ истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба соли гузашта 31 фоиз зиёд мебошад. Барои эҳтиёҷоти шаҳр 4,2 миллиард киловат-соат неруи барқ истифода гардид, ки ин нишондиҳанда, нисбат ба соли гузашта 535 миллион киловатт-соат зиёд аст.

Маблағи умумии барқи истифодашуда 1,5 миллиард сомониро ташкил дода, ҷамъоварии маблағи он ба 96 фоизи нақша баробар гардид.

Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми умумии маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳо ба 6,1 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20 фоиз зиёд мебошад. Дар ин давра сармоягузории мустақим ба иқтисодиёти шаҳр ба 1 миллиард сомонӣ баробар гардид, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2023 320 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Соли 2024 беш аз 635 ҳазор метри мураббаъ ва дар ҳашт соли охир зиёда аз 3 миллион метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ва марказҳои савдову хизматрасонӣ ба истифода супорида шуд.

Соли сипаришуда барои иҷрои корҳои сохтмонӣ лоиҳакашӣ 927 миллион сомонӣ маблағҳои буҷетӣ равона гардида, як қатор иншооту инфрасохтори соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва шабакаҳои муҳандисӣ ба таври замонавӣ тарҳрезӣ ва навсозӣ гардиданд.

Давоми соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар шаҳри Душанбе 32 километр роҳҳо ба маблағи 617 миллион сомонӣ сохтмону навсозӣ шуд.

Дар зарфи 8 соли охир дар пойтахт 192 километр роҳҳо ба маблағи беш аз 3 миллиард сомонӣ навсозӣ гардид.

Бо мақсади гузариш ба «иқтисоди сабз» соли 2024 30 электробус ба истифодаи сокинон қарор дода шуд ва харидории боз 60 электробус дар назар аст. Барои татбиқи консепсияи нақлиёти барқӣ якҷо бо ширкатҳои кироякаш ва соҳибкорон 4350 мошини барқӣ ворид гардида, парки нақлиётии ширкатҳои кироякаш пурра ба нақлиёти барқӣ гузаронида шуд.

Буҷети шаҳр дар соли 2024 ба маблағи 4,6 миллиард сомонӣ ё 11 фоиз барзиёд иҷро гардид, ки нисбат ба нақша 452 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Соли 2024 ба иқтисоди пойтахт 4,7 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб гардида, дар ҳашт соли охир ин рақам ба 30 миллиард сомонӣ расид.

Ҳоло дар пойтахт амалисозии 17 лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 3,2 миллиард сомонӣ идома дорад, ки дар доираи онҳо то имрӯз корҳо дар ҳаҷми беш аз 2,3 миллиард сомонӣ анҷом дода шудааст.

«Масъалаҳои беҳтар намудани шароити муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим, сатҳи дониши хонандагон ва савияи касбии омӯзгорон таҳти ғамхо-

**Ҳаҷми тиҷорат байни Тоҷикистон ва Эрон дар ду соли охир 50 дарсад афзоиш ёфт.**

# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

риву дастгирии доимии роҳбарияти шаҳр қарор дорад», иброз доштанд Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ.

Ба ин хотир соли 2024 дар шаҳри Душанбе 7 муассисаи таълимӣ бо 13 ҳазору 620 ҷойи нишаст ва 3 муассисаи томактабӣ барои беш аз 500 тарбиятгиранда сохта, ба истифода дода шуд.

Дар 8 соли охир, 53 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 96 700 ҷойи нишаст ва 25 муассисаи томактабӣ барои 4 ҳазору 800 тарбиятгиранда бунёд карда шуд.

Ҳоло дар шаҳр сохтмони боз 21 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 40 ҳазор ҷойи нишаст дар ду баст ва 60 муассисаи томактабӣ барои беш аз 12 ҳазор тарбиятгиранда бомаром идома дорад.

Гуфта шуд, ки соли 2025 дар пойтахт боз 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 13 ҳазору 520 ҷойи нишаст дар ду баст ва 9 муассисаи томактабӣ барои 2280 тарбиятгиранда бунёд карда мешавад.

Соли ҳисоботӣ муассисаҳои тиббии шаҳр дар доираи 12 барномаи давлатии соҳаи тандурустӣ ба маблағи 21 миллион сомонӣ бо таҷҳизоту дастгоҳҳои пешрафтаи тиббӣ таъмин гардид.

Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, рушди тарбияи ҷисмонӣ ва оммавигардонии варзиш, дар ин давра, нахустин мусобиқаи байналмилалии Гран-слам оид ба гӯштини ҷудо, нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба Гӯштингирӣ, нахустин Чемпионати ҷаҳонии ҷудо миёни ҷавонони то 21-сола ва нахустин Чемпионати ҷаҳон оид ба самбо бо иштироки варзишгарон аз 167 давлати дунё баргузор карда шуд.

Таъкид карда шуд, ки бо мақсади сабзу хуррамгардонии шаҳр соли сипаришуда беш аз 400 ҳазор бех дарахту буттаҳо ва 19 миллион бех гулҳои мавсимию бисёрсола шинонида шуд.

Дар нақша аст, ки дар мавсими ниҳолшинонии зимистони соли 2024 ва баҳори соли 2025 тавассути ҳашари умумишаҳрӣ боз беш аз 600 ҳазор бех дарахти ороишию сояафкан шинонда шавад.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот, Раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва Раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид доир ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо дар соли 2024 ҳисобот доданд.

Таъкид шуд, ки дар давраи ҳисоботӣ иҷрои нақшаи буҷети маҳаллии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз рӯйи даромадҳои худӣ ба андозаи 107,9 фоиз иҷро шуд. Дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ диққати зарурӣ дода шуда, 43 коргоҳи саноатӣ ба истифода дода шуд.

Дар вилояти Суғд бошад, тибқи нақша дар соли 2024 166 корхонаву коргоҳи нав бо 2060 ҷойи корӣ ба фаъолият шурӯъ кард. Дар ин давра ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят ба 30 миллиард сомонӣ расонда шуд.

Дар вилояти Хатлон давоми соли 2024 155 иншоот ба истифода дода шуд, ки 58 адади он бо маблағи умумии 90 миллион сомонӣ аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ бунёд гардидааст.

Гуфта шуд, ки дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон 1663 иншоот сохта шуд, ки 134,1 фоизи нақшаи солонаро ташкил медиҳад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар барои густариш бахшидани раванди омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, татбиқи нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зери назорат гирифтани раванди таълиму тарбияи насли наврас, баррасии саривақтии арзу шикоятҳои мардум, дастгирии соҳибкорӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ва бештар намудани ҳаҷми содироти онҳо дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар соли 2024 бо таҳлилҳо суханронӣ намуданд.

Сарвари давлат барои иҷрои нишондиҳандаҳои Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш доданд, ки тамоми кӯшиши худро баҳри иҷрои саривақтӣ ва сифатноки вазифаҳо ва дастуру супоришҳо сафарбар намоянд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҳукумати кишвар, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор намуданд, ки фаъолияти худро вусъат бахшида, тибқи супориши қаблӣ суръати рушди иқтисоди кишварро дар соли 2025 дар сатҳи на кам аз 8 фоиз таъмин намоянд.

Супориш дода шуд, ки дар ин ҷода, хусусан, ба масъалаҳои ташаккули «иқтисоди сабз», суръат бахшидани раванди рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ диққати аввалиндараҷа дода шавад.

Президенти кишвар истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои нави истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок бо арзиши баланди иловашуда, тақвияти иқтидори содиротии кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоиро аз ҷумлаи масъалаҳои аввалиндараҷа номиданд.

Таъкид гардид, ки дар соли 2024 бо мақсади иҷрои нақшаи чорабиниҳои зиддибуҳронии Ҳукумат ва татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки сармоягузорӣ аз шарикони рушд беш аз 16 миллиард сомонӣ грант ва қарзҳои имтиёзнок ҷалб карда шуд.

Сохторҳои марбута вазифадор шуданд, ки иҷрои барномаҳои муштараки ислоҳотро бо ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ сари вақт таъмин намуда, барои идома додани раванди ҷалби маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва дастгирии буҷети давлатӣ чораҳои амалӣ андешанд.

Бо мақсади таъмин намудани бозори истеъмолӣ ва коҳиш додани вобастагии бозори дохилӣ аз молу маҳсулоти воридотӣ Сарвари давлат зарур шумурданд, ки барои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноативу кишоварзӣ ва истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда тадбирҳои иловагӣ андешида шуда, муътадил нигоҳ доштани нархҳо дар соли ҷорӣ таъмин гардад.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омори маҳсулоти саноатии ғизоиро, ки аз берун ворид мешавад, таҳлил намуда, таъкид доштанд, аксари ин маҳсулот бояд дар дохили кишвар истеҳсол шавад.

Гуфта шуд, ки дар соли 2024, бо вуҷуди дар сатҳи 104 фоиз иҷро гардидани нақшаи даромади буҷети давлатӣ, дар баъзе ноҳияҳои кишвар нақшаи ҷамъоварии андозу пардохтҳо таъмин карда нашуд, ки андешидани тадбирҳои иловагиро талаб менамояд.

Аз ин ру, Роҳбари давлат супориш доданд, ки сохторҳои марбута барои дарёфти захираҳои нави молиявӣ ва ҷалби пурраи манбаъҳои даромад ба буҷети давлатӣ, сифатнокии таҳия ва иҷрои он, инчунин, боз ҳам кам кардани бақияпулиҳои андоз тадбирҳои зарурӣро амалӣ намоянд.

Президенти кишвар ба вазорату идораҳои масъул супориш доданд, ки бо мақсади ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва фароҳам овардани шароит барои зиндагии арзандаи мардум, аз ҷумла, иқдоми баланд бардоштани музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, тандурустӣ, соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, нафақа ва стипендияҳо чораҳои мушаххас андешанд.

Дар самти сарфакорона ва мақсаднок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ вазорату идораҳои марбута супориш гирифтанд, ки камбудиҳои ҷойдоштаро ҳарчи зудтар бартараф карда, истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва шаффофияти хароҷоти онро таъмин созанд.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва гузариш ба низоми пурраи пардохтҳои ғайринақдӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои мухталифро Президенти кишвар талаби қатъии рӯз номиданд.

Таъкид гардид, ки барои вусъат бахшидани ин равандҳо дар Паёми Роҳбари давлат солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шуд.

Ба Ҳукумати кишвар супориш дода шуд, ки баҳри амалӣ намудани ин иқдом нақшаи мукаммали амалро қабул ва татбиқ намояд.

Дар робита ба масъалаҳои ҳалталаби гузариш ба низоми рақамӣ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешидани як қатор тадбирҳоро зарур шумурданд. Аз ҷумла, вазорату идораҳо дар муҳлати се моҳ ба низоми байниидоравии ҳамгироии иттилоотӣ ба таври ҳатмӣ бояд пайваст шаванд, вазорату идораҳои хизматрасон то ташаккул додани махзанҳо барои анҷом додани раванди фаъолияти дахлдор аз имконияти низомҳои дар Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамӣ ташаккулёфта истифода намоянд ва Дастгоҳи иҷроияи Президент ва мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади таъмин намудани фаъолияти самараноки «Ҳукумати электронӣ» гардиши пурраи электронии ҳуҷҷатҳоро аз 1-уми июли соли 2025 ба роҳ монанд .

Ба Ситоди ҷумҳуриявӣ супориш дода шуд, ки оид ба масъалаҳои рақамикунонии хизматрасониҳои давлатӣ, ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда чораҳои фаврӣ андешад.

Таъкид карда шуд, ки гарчанде пардохтҳои ғайринақдӣ барои хариди молу хизматрасониҳо дар ҳаҷми умумии пардохтҳо бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт аз 6,9 фоизи соли 2019 то 26,2 фоиз дар соли 2024 расонида шудааст, вале натиҷаи мазкур ҳоло ҳам қаноатбахш нест.

Бинобар ин, Бонки миллӣ вазифадор гардид, ки якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва рушди инфрасохтори низоми пардохт тадбирҳои иловагӣ андешад.

Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки ҳарчанд дар соли 2024 сармояи мустақими хориҷӣ ба кишвар беш аз 4,3 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба соли 2023-юм 39 фоиз афзоиш ёфтааст, вале ҳаҷми он барои қонеъ гардонидани таёлаботи рушди иқтисоди кишвар ҳоло ҳам кофӣ нест.

Ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода шуд, ки ҷалби сармояи мустақимро бамаротиб афзоиш диҳанд.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи кишоварзӣ Роҳбари давлат иброз доштанд, ки бо вуҷуди пешравиҳои соҳа дар соли 2024 имкониятҳои мавҷуда ҳоло ҳам ба таври зарурӣ истифода нашудаанд.

Дар робита ба ин, зарур шумурда шуд, ки барои истифодаи самараноки заминҳои кишт, баланд бардоштани ҳосилхезии онҳо, таъмин намудани хоҷагиҳои кишоварзӣ бо тухмии баландсифати зироатҳои кишоварзӣ, бахусус, пахта ва ғалладонагиҳо ва дар ин замина таъсис додани ҷойҳои нави корӣ ва зиёд кардани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд.

Барои расидан ба ҳадафи стратегии саноатикунонии босуръати кишвар ва талаботи Барномаи давлатии рушди содирот барои солҳои 2021 - 2025 Вазорати саноат ва технологияҳои нав вазифадор гардид, ки якҷо бо дигар вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ камбудиҳои соҳаро ислоҳ намуда, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо рушди саноатро тақвият бахшад.

Супориш дода шуд, ки дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ то маҳсулоти ниҳоӣ дар дохили кишвар тадбирҳои амалӣ андешида шуда, истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок ва содироти он афзоиш дода шавад.

Зимни таҳлили вазъи соҳаи энергетика, бахусус, тавлиди неруи барқ Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки дар соли ҳисоботӣ ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар кишвар 22,4 миллиард киловатт-соатро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2023-юм 567,6 миллион киловатт-соат ё 2,6 фоиз зиёд мебошад. Вале дар соҳаи энергетикаи кишвар бо вуҷуди супоришҳои додашуда, ҳоло ҳам як қатор мушкилиҳои ҳалталаб боқӣ мондаанд, ки ба раванди истеҳсол ва ҳаҷми таъминоти барқ таъсири манфӣ расонида истодаанд.

Аз ҷумла, талафоти неруи барқ, ки то ҳанӯз дар сатҳи баланд ва ташвишовар боқӣ монда, соли 2024-ум 20 фоизро ташкил додааст ва сатҳи нопурраи ҷамъоварии маблағи истифодаи неруи барқ, ки дар ин давра ба 91 фоиз расонида шудааст, аз ҷумлаи мушкилоти ҳалталаби соҳа мебошанд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин, вазорату идораҳои марбутаи соҳаро вазифадор намуданд, ки татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои кам кардани талафоти неруи барқро таъмин намоянд.

Зарур шумурда шуд, ки доир ба ҳарчи зудтар ҷорӣ намудани низоми биллингӣ, баҳисобгирии пурраи истифодабарандагони неруи барқ ва якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ сари вақт ҷамъоварӣ кардани маблағи неруи барқ чораҳои қатъӣ андешида шаванд.

Дар Паёми Президенти кишвар таъкид гардидаст, ки аз моҳи майи соли 2027 аз ҳисоби истеҳсоли неруи барқ дар неругоҳи «Роғун» ва силсилаи неругоҳҳои дарёи Вахш норасоии неруи барқ дар кишвар пурра бартараф ва Тоҷикистон ба истиқлоли комили энергетикӣ ноил мегардад.

Вобаста ба ин, Роҳбари давлат ба Ҳукумати кишвар ва дигар масъулон супориш доданд, ки корҳои сохтмонро суръат бахшанд.

Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни таҳлили вазъи соҳаҳои иҷтимоӣ таъкид доштанд, ки бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва амалигардонии ислоҳоти соҳаи маориф дар кишвар стратегияву барномаҳои мухталиф қабул ва амалӣ гардида истодааст.

Ба вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шуд, ки барои татбиқи пурра ва сифатноки барномаву стратегияҳои қабулшуда чораҳои саривақтӣ ва қатъӣ андешанд.

Супоришҳои дигар ба сохторҳои марбута барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дода шуд.

Роҳбари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки дар соҳаи тандурустии кишвар тарки вазифа кардани табибон ва дигар кормандони соҳаи тиб дар бахши давлатӣ ташвишовар гардидааст.

Бо дарназардошти вазъи зикршуда, супориш дода шуд, ки вазорату идораҳои соҳа бо роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли камбудиҳо тадбирҳои иловагӣ андешад.

Президенти кишвар бо назардошти ҳадафҳои олии давлатдорӣ ва мураккаб боқӣ мондани вазъи ҷаҳон ва минтақа супориш доданд, ки дар самти кор бо аҳолӣ нақшаҳои тасдиқгардида таъмин шуда, баргузор намудани чорабиниҳои сиёсиву фаҳмондадиҳӣ, ҳарбиву ватандӯстӣ, фарҳангиву фароғатӣ ва варзишӣ вусъат дода шавад.

Сарвари давлат аз фаъолони ҷомеа ва шаҳрвандон риояи ҳатмии талаботи қонунҳо «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»-ро талаб намуданд.

Таъкид гардид, ки то охири соли 2024 дар доираи нақшаи чорабиниҳо ба истиқболи 35-солагии истиқлоли давлатӣ дар кишвар аз 28 ҳазору 800 иншооти ба нақша гирифташуда беш аз 18 ҳазору 200 иншоот бунёд гардидааст, ки 63 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар фароварди сухан Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аъзои Ҳукумат, роҳбарони дигар сохтору мақомоти давлатӣ, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳоро вазифадор намуданд, ки бо истифода аз имконияту захираҳои мавҷуда барои бартараф кардани камбудиву норасоиҳои дар маҷлиси имрӯза зикргардида ва супоришу вазифаҳои гузошташуда масъулияти шахсӣ дошта бошанд.

***www.president.tj***

**Байни ширкатҳои сайёҳии Тоҷикистон ва Эрон 6 санади ҳамкорӣ ба имзо расид.**

# АМРИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2025 Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаҳои Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани Озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин ва ҷиҳати ҷалби бештари дӯстдорони санъат ва ҳунар чораҷӯӣ карда, ғолибони давраҳои якуми дуюми Озмун ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2025 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории Озмуни мазкур 7 680 000 (ҳафт миллиону шашсаду ҳаштод ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хароҷоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**
**ш. Душанбе,**
**2 январи соли 2025,**
**№АП-711**

# Шарҳи амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» дар соли 2025

02.01.2025

Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» соли ҳафтум аст, ки зери таваҷҷуҳ ва сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади муаррифии фарҳанги волои миллати тоҷик, эҳёи санъати миллӣ ва тарғиби он, арҷгузорӣ ба санъату ҳунари аҷдодӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии санъати мусиқӣ, навозандагӣ, сароядагӣ, маҳорати касбии ҳунари мусаввирӣ, ҳайкалтарошӣ, ороишгарӣ ва либосдӯзӣ, интихоби намунаҳои беҳтарини оҳангу суруд ва асарҳои рассомӣ баргузор мешавад.

Бо дастури бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳаҷми маблағи мукофот барои ғолибони озмун ду баробар зиёд гардида, барои озмун аз Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 680 000 (ҳафт миллиону шашсаду ҳаштод ҳазор) сомонӣ ҷудо карда шуд.

Ҳамин тавр, барандагони Шоҳҷоиза бо 100 ҳазор сомонӣ, ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мутаносибан 70 ҳазор, 50 ҳазор ва 30 ҳазор сомонӣ мукофотонида мешаванд.

Ҳамзамон бо ин, мувофиқи тағйироти имсола, дар Озмун жанри академии номинатсияи навозандагӣ ба ду қисм ҷудо карда шуда, иқдоми мазкур ба довталабон имкон медиҳад, ки ҳунару истеъдоди худро дар навозиши созҳои миллӣ ва созҳои аврупоӣ нишон диҳанд.

Шумораи ҳамаи ғолибони ҷойҳои сеюм низ аз 2 ҷой ба 3 ҷой зиёд ва барои иштирокчиёни фаъолу соҳибзавқ имконияти бештари ба даст овардани ғолибият дода шуд.

Бинобар ин, дар соли 2025 шумораи ғолибон 137 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли гузашта 17 нафар зиёд мебошад.

Илова бар ин, дар сурати дар даври ҷумҳуриявии Озмун сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 ва ё Шоҳҷоиза гардидани хонандагон ва донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимӣ дар гурӯҳҳои пулакӣ таҳсил мекунанд, онҳо ба гурӯҳи ройгони таҳсил гузаронида мешаванд.

Матнҳо ва ҷузъиёти пурраи амрҳо дар сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой карда шудаанд.

# НИЗОМНОМАИ
## Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман»

**ЗАМИМАИ 1**
**ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 2 январи соли 2025, №АП-711**

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» (минбаъд - Озмун) бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нав дар соҳаҳои санъати мусиқӣ, сароядагӣ, тасвирӣ ва дизайн, баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва зебоишиносӣ, тақвият бахшидан ба ҳунари баланди иҷрокунандагӣ, тарғиб ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии фарҳанги волои миллати тоҷик, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба суннатҳои неки аҷдодӣ, сатҳи касбии асарҳои нави мусиқӣ, офарандагӣ, интихоби намунаҳои беҳтарини оҳангу суруд ва асарҳои рассомӣ, ки инъикоскунандаи фарҳанги гузашта ва имрӯзаи миллати тоҷикро таҷассум намоянд, гузаронида мешавад.

2. Мазмун ва ғояи асосии суруду оҳанг, асарҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн, ки ба Озмун пешниҳод мешаванд, тараннуми шахсиятҳои барҷастаи халқи тоҷик, дастовардҳои замони Истиқлоли давлатӣ, арҷ гузоштан ба анъанаҳои милливу мероси пурғановати ниёгон, табиати зебоманзари Тоҷикистон ва эҳёи намудани ҳунарҳои мардумиро дар бар мегирад.

### 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

3. Сарпарасти Озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4. Масъулони баргузории Озмун вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, Кумитаи телевизион ва радио, иттифоқҳои композиторон, рассомон ва дизайнерони Тоҷикистон мебошанд.

5. Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила ҷиҳати ҷалби наврасон, ҷавонон ва занони боистеъдод ба Озмун мусоидат менамоянд.

6. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, раёсат, шуъба ва бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, фарҳанг, маориф, ҷавонон ва варзиш, занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ масъули ташкил ва баргузории Озмун мебошанд.

### 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

7. Барои гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» комиссияи ҷумҳуриявӣ (минбаъд - комиссияи Озмун) таъсис дода мешавад, ки ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

8. Ваколати комиссияи Озмун:

- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои дуюм ва сеюми Озмун;
- якҷо бо ҳайати ҳакамон гузаронидани семинари машваратӣ;
- муайян намудани ҷойи баргузории даврҳои дуюм ва сеюми Озмун;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони Озмун;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни Озмун ба даври сеюм;
- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабону иштирокчиён;
- тасдиқи протокол ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони даври сеюми Озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи Озмун ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот ва шиносоӣ.

9. Комиссияи Озмун дар ҳолати ҷавобгӯ набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи Низомномаи мазкур, инчунин, дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ, ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ нашудааст, комиссияи Озмун ваколати ҳалли онро дорад.

### 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

10. Озмун дар се давр гузаронида мешавад:

- даври якум - аз 1-уми апрели соли 2025 то 10-уми майи соли 2025 дар маркази шаҳру ноҳияҳо;
- даври дуюм - 10-уми июни соли 2025 то 30-юми июни соли 2025 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври сеюм - нимаи дуюми моҳи сентябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, бо супоридани ҷоизаву дипломҳо ҷамъбаст мешавад.

11. Корҳои ташкилӣ барои баргузор кардани даврҳои якум ва дуюми Озмун ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо вогузор мегардад.

12. Протоколи даври дуюми Озмун бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва раиси ҳакамон ба комиссияи Озмун пешниҳод мешавад.

13. Ҳуҷҷатҳои ғолибони даври дуюм аз ҷониби ҳайати ҳакамон бо протоколҳои расмӣ тасдиқ шуда, барои иштирок дар даври сеюм ба комиссияи Озмун пешниҳод карда мешаванд.

14. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври дуюм ба даври сеюм то 1 август муқаррар карда мешавад.

15. Рафти даврҳои Озмун тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои телевизиону радио ба таври васеъ инъикос мешаванд.

### 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

16. Ба Озмун, қабл аз ҳама, асарҳои тозаэҷоди оҳангсозон-бастакорон, рассомон ва дизайнерон, инчунин, асарҳо аз осори беҳтарини мусиқии классикӣ, беҳтарин мусавварҳои классикии навъҳои санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои мардумии ватаниву ҷаҳонӣ дар жанрҳои мусиқии анъанавӣ, академӣ ва эстрадӣ пешниҳод мешаванд.

17. Озмун дар байни гурӯҳҳои зерин доир мегардад:

- хонандагон, донишҷӯён ва магистрантони муассисаҳои таълимии мусиқии касбӣ, мактабҳои санъат ва рассомии бачагона, инчунин, коллеҷҳои санъат, коллеҷҳои рассомӣ ва муассисаҳои олии касбӣ, сарояндагону навозандагони филармонияҳои халқӣ, театрҳои халқӣ, дастаҳои ҳунарии назди раёсат, шуъбаву бахшҳои фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, ансамблҳои ҳунарӣ, оилавӣ;
- хонандагон, донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайриихтисос, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, намояндагони касбу кори гуногуни

# НИЗОМНОМАИ Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман»

ғайрисоҳавӣ;

- шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ё кору фаъолият доранд.

18. Барои ҳар як гурӯҳ меъёрҳои Озмунро комиссияи Озмун муқаррар менамояд.

19. Довталабоне, ки дар даври якуми Озмун тибқи радабандии синнусолӣ ба қайд гирифта шудаанд, то даври сеюм ба ҳамин тартиб иштирок менамоянд.

20. Дар Озмун шахсони шинохтаи санъати мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн, оҳангсозону бастакорон, сарояндагону навозандагон, рассомону дизайнерони унвондору касбӣ, омӯзгорони фанҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии соҳаи фарҳанг иштирок карда наметавонанд.

21. Ҳамзамон, як шахс дар ду номинатсия ширкат варзида наметавонад.

22. Ғолибони Озмун бо Шоҳҷоиза, ҷоизаҳои якум, дуюм ва сеюм, диплом ва мукофотпулиҳо сарфароз гардонида мешаванд.

23. Ғолибони Озмун (лауреатҳои Шоҳҷоиза, ҷоизаҳои якум, дуюм ва сеюм) ҳуқуқи иштирок дар солҳои минбаъдаи Озмунро надоранд.

24. Радабандии синнусолӣ ба таври зайл сурат мегирад:

1) номинатсияи оҳангсозӣ-бастакорӣ:
- аз 18 то 35-сола;

2) номинатсияҳои сарояндагӣ, навозандагӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн:
- аз 12 то 17-сола;
- аз 18 то 35-сола.

25. Дар Озмун истифодаи фонограмма манъ аст.

26. Теъдоди иштирокчиёни даври якум бемаҳдуд буда, ғолибони даври якум ба даври дуюм ва ғолибони даври дуюм ба даври сеюм роҳ меёбанд.

27. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти ӯ) шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида мешавад. Намунаи шартномаро Вазорати фарҳанг омода карда, ба ҳамаи муассисаҳои таълимӣ дастрас менамояд.

28. Масъулини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои иҷро накардани муқаррароти Низомнома оид ба вайрон намудани талаботи синнусолӣ, таҳрифи маълумоти иштирокчиёни Озмун, ки боиси ба Озмун роҳ наёфтани иштирокчӣ мегардад, масъулият доранд.

29. Ғолибони озмун ӯҳдадоранд, ки минбаъд тибқи шартнома тӯли 5 сол дар муассисаҳои консертӣ, эҷодӣ ва ё таълимии соҳаи фарҳангу санъат кору фаъолият намоянд.

30. Иштирокчиёни номинатсияҳои санъати тасвирӣ ва дизайн дар ҳама даврҳои Озмун асарҳои худро пешниҳод менамоянд.

### 6. НОМИНАТСИЯҲО ВА ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

31. Озмун аз рӯйи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:
- оҳангсозӣ-бастакорӣ;
- сарояндагӣ;
- навозандагӣ;
- санъати тасвирӣ;
- дизайн.

32. Дар панҷ номинатсия асарҳое пешниҳод мегарданд, ки дар мавзуи зебоии табиати Тоҷикистон, ишқу ҷавонӣ, васфи Ватану ватандӯстӣ, ғояҳои Истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тараннуми симоҳои барҷастаи миллат, ҷашнҳои Наврӯзи байналмилалӣ, Меҳргон, Сада, об ҳамчун манбаи ҳаёт, ободӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра таълиф шудаанд.

33. Ба Озмун дар номинатсияи санъати тасвирӣ асарҳое қабул карда мешаванд, ки дар рӯйи матоъ (холст) ё когаз офарида шудаанд. Барои офаридани асар аз навъҳои зерини масолеҳ бояд истифода карда шавад: чӯб, металл, хокаи махсус, гил, гуаш, акрил, рангҳои равғанӣ, акварел, пастел, қаламҳои ранга ва сиёҳ.

34. Нусхабардории асарҳои рассоми дигар қатъиян манъ аст. Асари офаридашуда бояд бе ёрии падару модар ва устод тартиб дода шуда, дар қисмати пушти он маълумоти зерин қайд шуда бошад: номинатсия, номи асар, насаб, ном, номи падар, синну соли иштирокчии Озмун, номи муассиса, суроғаи ҷойи истиқомат ва роҳбар (омӯзгор).

35. Ҳаҷми корҳои пешниҳодшаванда бояд андозаи 50х60, 50х70, 60х80, 70х90 ва ё 80х100 см бошанд.

36. Ҳар як иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар) пешниҳод менамояд.

37. Аз иштирокчиёни номинатсияҳои санъати тасвирӣ ва дизайн (аз даври аввал то даври ниҳоии Озмун) ба таври ҳатмӣ дар назди ҳайати ҳакамон ба муддати то як соат супоридани имтиҳони маҳорати касбӣ талаб карда мешавад.

38. Асарҳое, ки дар даври ниҳоии Озмун соҳиби Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд, ба соҳибонашон баргардонида намешаванд.

39. Асарҳои ғолибони даври сеюми Озмун ба Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд.

40. Дар Озмун ба асарҳои тозаэҷод, симои зоҳирӣ ва сарулибоси саҳнавии иштирокчиён афзалият дода шуда, ба такрори суруду оҳангҳо, асарҳои рассомӣ ва дизайнерӣ дар даврҳои Озмун роҳ дода намешавад.

41. Ҳар як номинатсия дорои талаботи махсуси касбӣ мебошад.

1) талаботи номинатсияи оҳангсозӣ-бастакорӣ:

- дар ин номинатсия иштирокчиён бояд дорои таҳсилоти миёнаи махсус ва олии мусиқӣ, инчунин, намояндагони мактаби суннатии устод-шогирд (бо нишондоди мушаххаси мактаб ва устод) бошанд;
- иштирокчиёни ин номинатсия асарҳои худро бо истифодаи жанрҳои камеравӣ, сюита, сонатино, вариатсия, пйеса, романс, суруд, кантата, инчунин, дар жанрҳои хосаи мусиқии анъанавӣ ва мусиқии эстрадӣ метавонанд пешниҳод намоянд;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар) пешниҳод менамояд. Дар ин номинатсия аз довталаб санҷиши тахассусӣ гирифта мешавад;
- асарҳо дар шакли клавир, партитура ё сабти нотавии шакли дигар (хусусан барои жанрҳои суннатӣ) ба комиссияи Озмун пешниҳод карда мешаванд;
- дар даври дуюм ва даври сеюм асарҳо дар шакли мусиқии зинда (иҷрои амалӣ) баррасӣ мегарданд;
- ҳангоми баҳогузорӣ ба техникаи оҳангсозӣ-бастакорӣ (тарзи созбандӣ, фактура, хусусиятҳои драматургиву композитсионӣ), мутобиқати мавзуъ ба жанр, ҳамоҳангии матни шеърӣ ба мусиқӣ аҳаммияти ҷиддӣ дода мешавад;
- хоҳишмандон аз гурӯҳи ҳаваскорон барои иштирок кардан дар ин бахш бо тариқи ариза муроҷиат намуда, баъди гузаштан аз санҷиши тахассусӣ имкони иштирокро пайдо менамоянд;

2) талаботи номинатсияи сарояндагӣ:

- дар иҷрои барномаи сароянда маҳорати касбӣ, талаффузи бурро, тарзи баён, нафаси равон, диапазони васеи овоз, тақсимбандии дурусти ҳиҷоҳо, саҳназебӣ, либоси саҳнавӣ, одоб ва ҳаракати саҳнавӣ, ҷалби шунаванда ва самимияти сарояндагӣ ба эътибор гирифта мешавад;
- иштирокчӣ ба ҳар даври Озмун як асар (ҳамагӣ 3 асар) дар жанрҳои гуногун пешниҳод менамояд;
- иштирокчӣ метавонад барномаи худро аз асарҳо дар жанрҳои суруд, романс, ария, ариозо, жанрҳои дигари мусиқии камеравии вокалӣ аз осори композиторони ватанӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин, жанрҳои дахлдори мусиқии суннатӣ (аз шашмақом, фалак, мақомҳои маҳаллӣ ва ғайра) ва мусиқии эстрадӣ (2 ё 3 суруди эстрадиро аз эҷодиёти композиторони тоҷик, мюзиклҳои эстрадӣ, жанрҳои ретро, диско, поп, ҷаз ва ё асари худи иштирокчӣ) мураттаб созад;
- иштирокчӣ дар номинатсияи жанри эстрадӣ асарҳоро бо истифодаи созҳои аврупоиасос ва созҳои миллӣ метавонад пешниҳод намояд;
- дар ин номинатсия пешниҳоди силсилавӣ низ иҷозат дода мешавад;
- тарҷумаи тахтуллафзии матни шеъру суханҳои сурудҳои бо забонҳои дигар иҷрошаванда ҳатман пешниҳод карда шаванд;
- дар пешниҳоди сарояндагӣ ба шеърҳои муосир, хусусан, истифодаи шеърҳо аз баёзҳои тозанашр афзалият дода мешавад;

3) талаботи номинатсияи навозандагӣ:

- дар баромади навозанда маҳорати касбӣ, интихоби арзишманди асари мусиқӣ, мазмун ва жанри асар, хушсадоӣ, техникаи садобарорӣ, дилнишинии сабки навозандагӣ, одоби саҳнавӣ, симои зоҳирӣ, эҳсосоти зарбиву оҳангӣ, самимият ва аслияти сабки навозандагӣ ба эътибор гирифта мешавад;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар) пешниҳод менамояд, ки онҳо бояд ба жанрҳои гуногун тааллуқ дошта бошанд;
- иштирокчӣ метавонад барномаи худро аз асарҳо дар жанрҳои гуногуни мусиқии полифонӣ, соната, вариатсия, консерт, пйесаи консертӣ, жанрҳои дигари мусиқии камеравии созӣ аз осори композиторони ватанӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин, жанрҳои дахлдори мусиқии суннатӣ (аз шашмақом, фалак, мақомҳои маҳаллӣ ва ғайра) ва мусиқии эстрадӣ мураттаб созад;
- дар жанри академӣ иштирокчӣ дар ҳар як давр 1 асари мураккабро аз қабили пйесаҳои гуногунмазмун ва гуногунжанр (лирикӣ ва техникӣ) ва асари калонҳаҷм соната, вариатсияҳо, консерт ва ғайра аз рӯйи интихоби худ бояд иҷро намояд. Асарҳо аз ёд навохта шуда, 1 асар ҳатман бояд аз асарҳои композиторони тоҷик бошад;
- асарҳо бо ҳамовозии фортепиано, ансамбли камеравӣ, оркестрҳои симфонӣ ва созҳои миллӣ ва ё бо концертмейстер иҷро гардида, клавири асар ва матни шеър ба комиссияи Озмун пешниҳод карда мешавад.

Асарҳо дар чунин созҳои аврупоиасос иҷро мегарданд:
- фортепиано;
- созҳои торӣ-камонӣ (скрипка, виолончел, контрабас);
- созҳои нафасӣ (флейта, фагота, гобой, труба, туба, тромбон, валторна, саксафон, кларнет ва ғайра);
- созҳои зарбӣ (ксилофон, метолофон, литавра, нағораҳои хурду калон ва ғайра).

Асарҳо дар чунин созҳои миллӣ иҷро мегарданд:
- созҳои мизробӣ (рубоб, тор, танбӯр, дутор, думбра, дутор бас, соз, сетор, уд, рубоби бадахшонӣ, кунун ва ғайра);
- созҳои торӣ-камонӣ (ғижак, қобуз, сато);
- созҳои нафасӣ (най, қушнай, сурнай, карнай, тутак ва ғайра)
- созҳои торӣ-зарбӣ (чанг, лабчанг ва ғайра).
- дар ин номинатсия пешниҳоди силсилавӣ низ иҷозат дода мешавад;
- дар пешниҳоди навозандагон ба сабакҳои аслии санъати навозандагии тоҷик афзалият дода мешавад;

4) талаботи номинатсияи санъати тасвирӣ:

- дар иҷрои барномаи санъати тасвирӣ маҳорати эҷодӣ, интихоби асар, мазмуни асари офаридашуда, маҳсулоти истифодашуда ҳангоми офаридани асар ба эътибор гирифта мешавад;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар) пешниҳод менамояд, ки онҳо бояд ба мавзуъҳои гуногун бахшида шуда бошанд;
- иштирокчии ин номинатсия метавонад асари худро аз рӯйи равияҳои рассомӣ (мусаввирӣ, мусаввирии монументалӣ, ҳайкалтарошӣ, графикаи дастгоҳӣ, миниатюра) ва санъати ороиши амалӣ (наққошӣ, кулолгарӣ, маҳсулоти бадеӣ аз метал, коркарди бадеии чӯб, масолеҳи сангӣ, гаҷкорӣ) пешниҳод намояд;

5) талаботи номинатсияи дизайн:

- дар иҷрои барномаи дизайнерӣ маҳорати эҷодӣ, диди нав, навоварӣ, эҷоди асарҳои мубрам ба эътибор гирифта мешавад;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар) пешниҳод менамояд, ки онҳо бояд ба мавзуъҳои гуногун бахшида шуда бошанд;
- иштирокчии ин номинатсия метавонад асарҳои худро дар равияҳои дизайни графикӣ, реклама, ороиши дохили бино, меъмории манзаравӣ, мӯди либос ва бофандагии бадеӣ (батика, гобелен) пешниҳод намояд.

42. Вақти баромади довталаб дар даври дуюм то 10 дақиқа ва дар даври сеюм то 20 дақиқа муайян мегардад.

### 7. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

43. Ҳайати ҳакамони даври якум аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби мутахассисони мусиқишинос, санъатшинос, рассомон, омӯзгорони муассисаҳои махсуси санъати мусиқӣ дар мувофиқа бо Вазорати фарҳанг интихоб гардида, ҳайати ҳакамони даврҳои дуюму сеюм бо пешниҳоди Вазорати фарҳанг, иттифоқҳои композиторон, рассомон ва дизайнерон аз ҷониби комиссияи Озмун тасдиқ карда мешавад. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар Озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад.

44. Ҳайати ҳакамон аз рӯйи меъёри то 10 хол ғолибонро муайян мекунад.

45. Ҳайати ҳакамон барои ҷобаҷогузории дурусти асарҳои мусиқӣ, рақс, санъати тасвирӣ ва дизайни пешниҳодгардида дар жанрҳои мувофиқ вобаста ба номинатсиҳои Озмун ӯҳдадор мебошад.

### 8. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

46. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо, буду бош дар маҳалли баргузории Озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва сарчашмаҳои дигари маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

47. Ғолибони даври якуму дуюми Озмун ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳое, ки қонунгузорӣ фаъолияти онҳоро манъ накардааст, ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

48. Омӯзгоре, ки шогирди ӯ дар даври сеюми Озмун сазовори Шоҳҷоиза ва ё ҷойи якум мегардад, бо нишони фахрии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии

*Сарнавишти пирӣ баста ба он аст, ки ҷавонӣ ба чӣ дода будӣ.* *Стендал*



# НИЗОМНОМАИ Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман»

Тоҷикистон» сарфароз гардонида мешавад.

49. Ғолибони Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм аз номинатсияи оҳангсозӣ-бастакорӣ пас аз хатми муассисаи олии касбии соҳавӣ ба аъзогии Иттифоқи композиторони Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.

50. Омӯзгоре, ки шогирди худро дар раддабандии синнусолии аз 12 то 17-сола аз даври якум то даври сеюми Озмун омода менамояд ва дар даври ниҳоӣ ӯ соҳиби Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро сазовор мешавад, аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ мегардад.

51. Омӯзгорони ғолибони Озмун дар он сурат ҳавасманд гардонида мешаванд, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи муассисаро дар хусуси омӯзгори воқеӣ будан пешниҳод намоянд.

52. Ба ғолибони даври сеюм ва омӯзгорони онҳо тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

53. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тартиби додани мукофот ва ҷоизаро барои ғолибони даври якум ва дуюми Озмун раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

54. Ҷиҳати ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои Озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

### 9. ТАРТИБИ ИШТИРОК ДАР ДАВРИ СЕЮМИ ОЗМУН

55. Барои иштирок дар даври сеюми Озмун ба комиссияи Озмун ҳуҷҷатҳои зерин ба таври ҳатмӣ дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешаванд:

1) барои рассомон ва дизайнерон:
- маълумот дар бораи довталаб;
- нусхаи шиноснома (шаҳодатномаи таваллуд);
- маълумотнома аз роҳбари муассисаи таълимӣ;
- 4 дона сурати 3х4;
- асарҳое, ки аз даврҳои якум ва дуюми Озмун гузаштаанд;
- нусхаи диплом оид ба таҳсилоти махсуси миёна ва ё олии рассомӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн (барои гурӯҳи касбӣ);

2) барои оҳангсозӣ-бастакорӣ, сарояндагон ва навозандагон:
- маълумот дар бораи довталаб;
- нусхаи шиноснома (шаҳодатномаи таваллуд);
- асарҳо дар шакли ҳомили электронӣ;
- сабти нотавӣ (тибқи талаботи Озмун);
- матни шеърҳо дар се нусха;
- нусхаи диплом оид ба таҳсилоти махсуси миёна ва ё олии мусиқӣ (барои гурӯҳи касбӣ).

56. Ҳуҷҷатҳо оид ба ҷамъбасти даври сеюм бо протоколҳои расмӣ аз ҷониби ҳайати ҳакамон тасдиқ гардида, комиссияи Озмун онро баррасӣ менамояд.

57. Довталабоне, ки дар даври сеюм ғолиб намегарданд, бо диплом ва ифтихорнома сарфароз гардонида мешаванд.

### 10. ТАРТИБИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

58. Дар даври сеюм ба ҳар як номинатсия як Шоҳҷоиза ҷудо карда мешавад.

59. Ба ғолиби беҳтарин Шоҳҷоиза дода мешавад.

60. Шоҳҷоиза ба иштирокчие дода мешавад, ки дар оҳангсозӣ-бастакорӣ, суруд хондану мусиқӣ навохтан, офаридани асарҳои тасвирӣ ва ё дизайнерӣ маҳорат ва истеъдоди фавқулода дошта, маҳорату истеъдод ва касбияти ӯ аз ғолиби ҷойи якум болотар аст.

### 11. ИМТИЁЗҲО

61. Ғолибони Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун тавассути барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ муаррифӣ шуда, ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро пайдо менамоянд.

62. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки ғолибони Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун шудаанд, барои таҳсил дар марказҳои бачагонаи рассомӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, миёнаи касбӣ ва олии касбии соҳаи фарҳанги кишвар, инчунин, ба ихтисосҳои омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқӣ ба муҳлати се сол бе супоридани имтиҳонҳо дар гурӯҳҳои ройгон ҳуқуқи таҳсил доранд.

63. Иштирокчиёни даври сеюми Озмун (хонандагони синфҳои 9 ва 11) дар соли ҷорӣ ба ихтисосҳои соҳаи фарҳанг ва омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, миёнаи касбӣ ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳон ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд. Хонандагон ва донишҷӯёне, ки дар муассисаҳои таълимӣ дар гурӯҳҳои пулакӣ таҳсил мекунанд, дар сурати дар даври ҷумҳуриявӣ сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 ва ё Шоҳҷоиза гардидан, ба гурӯҳҳои ройгони таҳсил гузаронида мешаванд. Тартиби қабули ғолибон ва иштирокчиёни даври сеюми Озмунро Вазорати маориф ва илм тибқи муқаррарот муайян менамояд.

64. Вазорати фарҳанг ҳуҷҷатҳои Озмунро тибқи тартиби муқарраршуда ба муҳлати 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

---

**ЗАМИМАИ 2**
**ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 2 январи соли 2025, №АП-711**

# ҲАЙАТИ КОМИССИЯИ Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман»

муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) - раиси комиссияи Озмун;

вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси комиссияи Озмун;

раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси комиссияи Озмун;

муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон - котиби Комиссияи Озмун.

**Аъзои комиссияи Озмун:**

сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;

раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ

раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон;

ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода;

ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон;

раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон;

раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон;

раиси Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон.

---

**ЗАМИМАИ 3**
**ба амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 2 январи соли 2025, №АП-711**

# ҶОИЗАҲОИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН - ВАТАНИ АЗИЗИ МАН»

**1. Номинатсияи оҳангсозӣ-бастакорӣ (аз 18 то 35-сола)**

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Жанри академӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри анъанавӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри эстрадӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 18 | 780 000 |

**2. Номинатсияи сарояндагӣ (аз 12 то 17-сола)**

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Жанри академӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри анъанавӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри эстрадӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 18 | 780 000 |

**3. Номинатсияи сарояндагӣ (аз 18 то 35-сола)**

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Жанри академӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри анъанавӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри эстрадӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 18 | 780 000 |

**4. Номинатсияи навозандагӣ (аз 12 то 17-сола)**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Жанри академӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |

**Соли 2024 дар шаҳри Панҷакент 85 гармхонаи тиҷоратӣ ва оилавӣ ба истифода дода шуд.**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Жанри анъанавӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри эстрадӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 18 | 780 000 |

**5. Номинатсияи навозандагӣ (аз 18 то 35-сола)**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Жанри академӣ (созҳои аврупоиасос) | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри академӣ (созҳои миллӣ) | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри анъанавӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри эстрадӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 24 | 1 040 000 |

**6. Номинатсияи санъати тасвирӣ (аз 12 то 17-сола)**

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Жанри рассомӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри санъати ороиши амалӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 12 | 520 000 |

**7. Номинатсияи санъати тасвирӣ (аз 18 то 35-сола)**

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Жанри рассомӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри санъати ороиши амалӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 12 | 520 000 |

**8. Номинатсияи дизайн (аз 18 то 35-сола)**

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Жанри дизайни графикӣ, реклама, ороиши дохили бино ва меъмории манзаравӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Жанри дизайни мӯди либос ва бофандагии бадеӣ | | | | |
| 1. | Якум | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2. | Дуюм | 50 000 | 2 | 100 000 |
| 3. | Сеюм | 30 000 | 3 | 90 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 260 000 |
| Дар маҷмуъ | | | 12 | 520 000 |

**9. Маблағ барои омӯзгороне, ки шогирдонашон дар Озмун Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро мегиранд**

| № | Ҷой | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| Жанри дизайни графикӣ, реклама, ороиши дохили бино ва меъмории манзаравӣ | | | | |
| 1. | Шоҳҷоиза | 20 000 | 5 | 100 000 |
| 2. | Якум | 20 000 | 8 | 160 000 |
| 3. | Дуюм | 20 000 | 16 | 320 000 |
| 4. | Сеюм | 20 000 | 24 | 480 000 |
| Ҳамагӣ | | | 53 | 1 060 000 |

**10. Шоҳҷоиза**

| № | Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Номинатсияи оҳангсозӣ-бастакорӣ | 100 000 | 1 | 100 000 |
| 2. | Номинатсияи сарояндагӣ | 100 000 | 1 | 100 000 |
| 3. | Номинатсияи навозандагӣ | 100 000 | 1 | 100 000 |
| 4. | Номинатсияи санъати тасвирӣ | 100 000 | 1 | 100 000 |
| 5. | Номинатсияи дизайн | 100 000 | 1 | 100 000 |
| Ҳамагӣ | | | 5 | 500 000 |

**11. Хароҷоти иловагӣ**

| Таъиноти хароҷот | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|
| Омода кардани ҷоми шоҳҷоизаҳо, дипломҳо, сафари ҳайати ҳакамони даври дуюм ба вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, ҳавасмандгардонии ҳайати ҳакамони даври сеюм ва хароҷоти дигар | 400 000 |

**12. Маблағи умумӣ**

| Таъиноти хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| Ҷоизаҳо аз рӯйи номинатсияҳо | 132 | 5 720 000 |
| Шоҳҷоиза | 5 | 500 000 |
| Барои омӯзгорони иштирокчиёни ғолибомада | 53 | 1 060 000 |
| Хароҷоти иловагӣ | - | 400 000 |
| Ҳамагӣ | 228 | 7 680 000 |

ИФТИХОР

# 7 МЕДАЛИ ХОНАНДАГОНИ ТОҶИК ДАР ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ хонандагони тоҷик имкони онро пайдо намуданд, ки дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ширкат варзида, дар ин замина донишҳои худро вобаста ба фанҳои дақиқ бештар сайқал бахшанд. Ҳамин аст, ки хонандагони кишвар дар олимпиадаҳои байналмилалии сатҳи олӣ, баланд, миёна, лоиҳавӣ ва фосилавӣ мунтазам иштирок менамоянд.

17-уми январи соли 2025 бо иштироки кормандони Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, хонандагон ва падару модарон маросими истиқболи ғолибону иштирокдорони 21-умин Олимпиадаи байналмилалии Жаутиков – IZhO-2025 баргузор гардид.

Олимпиадаи мазкур 13-17 январ миёни 15 кишвар – Қазоқистон, Қирғизистон, Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Туркия, Булғористон, Туркманистон, Тоҷикистон, Руминия, Беларус, Сербия, Озарбойҷон, Гурҷистон, Арманистон ва Муғулистон дар шаҳри Остона бо иштироки беш аз 700 нафар хонанда баргузор гардид. Дар ин олимпиада кишвари моро 4 даста бо фарогирии 28 нафар хонанда намояндагӣ карда, аз ин шумора хонандагони тоҷик 2 медали нуқра ва 5 медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Олимпиадаи байналмилалии Жаутиков – IZhO-2025 аз рӯйи фанҳои математика, физика ва технологияи иттилоотӣ маротибаи 21-ум аз ҷониби Вазорати маорифи Ҷумҳурии Қазоқистон, Маркази илмӣ-амалии «Дорин» ва Мактаби ҷумҳуриявии физика ва математика дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор мегардад, ки дар он маҷмуи саволҳо аз ҷониби ҳакамони сатҳи ҷаҳонӣ тартиб дода шуда, малакаҳои назариявӣ ва амалии хонандагон санҷида мешавад. Ғолибон бо дипломҳои дараҷавӣ, медалҳои тилло, нуқра ва биринҷӣ қадрдонӣ мегарданд.

**Дар ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров таҳти унвони «Рушди иқтисодиёти рақамӣ ва саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамоиш баргузор шуд.**

*То даме ки ба чашми яке бад менамояму ранҷ мекашам, барои хушбахтии худ коре намекунам.* *Стендал*



## ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ

# ХУДОГОҲУ ВАТАНПАРВАР БОШЕМ

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии кишвар (28.12.2024) тамоми самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуданд. Мусаллам аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон тадриҷан рушду пешрафт мекунад ва дараҷаи некуаҳволии мардум беҳтар гардида, раванди бунёдкориҳо дар кишвар бомаром идома дорад. Имрӯз ба ҳар як гӯшаву канори мамлакат сафар намоем, шоҳиди рушду пешрафт ва дигаргуниҳо дар ҳама соҳаҳои кишвар мешавем. Мардум бо дасту дили гарм барои пешрафти Ватани азизамон заҳмат мекашанд. Бо эълон гардидани ҳадафи чоруми стратегии мамлакат – саноатикунонии босуръати кишвар бунёди корхонаҳои саноатӣ вусъат ёфта, ҳамасола даҳҳо корхонаи нав сохта, ба истифода дода мешавад. Ба ин маънӣ, дар Паёми Сарвари давлат таъкид гардид, ки «Дар доираи ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар панҷ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатии кишвар аз 27 миллиард ба 53 миллиард сомонӣ расонида шуд, ки қариб ду баробар зиёд мебошад. Дар ин давра дар мамлакат беш аз 2040 корхонаи саноатӣ ва 74 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд. Танҳо дар соли 2024-ум 740 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бунёд гардида, дар ин бахш, дар маҷмуъ, қариб 20 ҳазор ҷойи корӣ ташкил карда шудааст».



Дар баробари ин, ҳамкориҳои байналмилалӣ густариш ёфта, Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон ҳамчун кишвари ташаббускору сулҳофар шинохта шуд. Ба ҳамагон маълум аст, ки ташаббусҳои Пешвои миллат вобаста ба обу иқлим аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид хуш пазируфта шуданд ва ҳамасола пойтахти кишвари азизамон – шаҳри Душанбе мизбони чандин ҳамоиши сатҳи ҷаҳонӣ мегардад. Сарвари кишвар дар ин маврид дар Паём зикр карданд: «Кишвари мо дар идомаи ташаббусҳои созандаи худ дар арсаи байналмилалӣ доир ба пешбурди мавзуъҳои обу иқлим соли 2025-ум дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид мизбони аввалин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо хоҳад буд».

Шоистаи таъкид аст, масъалаи асосие, ки дар Паём мавриди таваҷҷуҳ қарор дошт, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва омода намудани мутахассисони варзида ба ҳисоб меравад. Зеро танҳо ҷомеае ба пешрафту шукуфоӣ мерасад, ки наврасону ҷавонони он дорои ҷаҳонбинии пешрафта ва соҳибкасбу истеъдодманд бошанд. Аз ин ҷост, ки дар кишвар ба бунёди муассисаҳои таълимӣ диққати асосӣ дода мешавад ва ҳар сол муассисаҳои зиёди таълимии ба талаботи замон ҷавобгӯ бунёд мегарданд. Пешвои миллат дар ин маврид қайд карданд: «...то вақте ки тамоми ҷомеа ба мактаб ва низоми маориф рӯй наоварад, миллат дастнигар, хору зор, таҳқиргашта ва афроди он моил ба ҳама гуна ҷиноятҳои сангину пешгӯйинашаванда боқӣ хоҳанд монд. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса кард, ки сифати давлат на ба шумораи аҳолӣ, балки ба сифати аҳолӣ вобаста мебошад. Бинобар ин, ташаббус дар ин самт бояд пурра дар дасти давлат бошад. Маҳз барои ҳамин, ман аз рӯзҳои аввали роҳбарии худ ба масъалаи илму маориф эътибори доимӣ ва аввалиндараҷа медиҳам».

Аз ин рӯ, барои мо – омӯзгорон бояд Паёми Пешвои миллат ҳамчун барномаи амал қарор гирад ва дар доираи он ҳамвора талош намоем, ки наврасону ҷавонон дар руҳияи худшиносиву худогоҳии миллӣ тарбия ёфта, донишҳои муосирро фаро гиранд. Дар зимн, барои соҳибкасбу забондон ва ба камол расондани мутахассисони варзида ҳамвора талош намоем.

***Лола ҚУРБОНОВА,***
***омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик дар мактаб-интернати шаҳри Бӯстон***

# ТАТБИҚИ ФАЪОЛИЯТИ ИННОВАТСИОНӢ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (28.12.2024) ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконоти технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шавад.

Ин даъвати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо–кормандони соҳаи маорифро водор менамояд, ки ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имконоти технологияҳои рақамӣ нақша–чорабиниҳо таҳия намуда, корҳои арзандаро сомон бахшем.

Истилоҳи инноватсия, ки ҳарчанд онро имрӯзҳо хоси забони англисӣ медонанд, дар асл аз калимаи лотинии novatio – навсозӣ (ё худ, дигаргунсозӣ) ва пешоянди in – ба самти гирифта шуда, агар ба таври таҳтуллафзӣ баргардонем, innovatio равонасозӣ ба сӯйи дигаргуниҳои пешқадам мебошад.

Ҳарчанд мафҳуми **innovation** бори аввал дар пажуҳишҳои илмии олимони асри XIX пайдо шуда бошад, вале дар таҳқиқоти илмии олими австриягӣ Йозеф Шумперт дар солҳои аввали асри XX ин мафҳум мазмуни навро касб карда, чун натиҷаи ташхиси усули инноватсионӣ ва тағйирот дар рушди иқтисод қабул гардид. Асосан, на ҳамаи навгонию навоварӣ ё тағйирот инноватсия буда метавонад; инноватсия он аст, ки сифату самаранокии соҳаи мавҷударо чандин маротиба боло мебарад.

Инноватсия фаъолиятест, ки ба навсозии шакл ва усули мавҷудаи таълим нигаронида шуда, мақсад ва воситаи нави татбиқи он ҷустуҷӯ карда мешаванд. Муассисаи таълимие, ки дар андешаи ба навҷӯйӣ ва навоварӣ ворид намудани коллективи омӯзгорон дар ҷараёни таълим ва тарбия набошад, саҳрои холиро мемонад.

Фарқи асосии муассисаҳои инноватсионии таълимӣ аз муассисаҳои анъанавӣ дар муҳайё сохтани шароит барои инкишофи ҳамаҷонибаи иқтидорҳои шахсӣ зоҳир гардида, барои дар вазъияти нав худро мутобиқ сохта тавонистан аён мегардад.

Фаъолияти инноватсионӣ дар илми педагогика ҳамчун самти мақсадноки фаъолияти педагогӣ фаҳмида шуда, дар дарк ва татбиқи таҷрибаи пешқадами педагогии шахсии омӯзгорон асос меёбад. Сарчашмаи асосии тавлид гардидани ҷараёни инноватсионӣ дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ инҳоянд:

- фаъолияти беихтиёри роҳбарони эҷодкор ва омӯзгорон;
- пайдо шудани таҷрибаи пешқадам дар муассисаи мазкур;
- тавлид гардидани таҷрибаи пешқадам дар дигар муассисаҳо;
- дуруст истифода бурда тавонистан аз ҳуҷҷатҳои меъёрӣ;
- омӯхтан ва таҳлил намудани андешаи истифодабарандагони хидматрасониҳои таҳсилотӣ;
- ба эътибор гирифтани талаботи коллективи педагогӣ бо равандҳои нави фаъолияти инноватсионӣ.

Инноватсия дар фаъолияти педагогӣ ҳамчун тарзи ҳалли мушкилоти пешомада фаҳмида мешавад. Мушкилот, пеш аз ҳама, бештар дар ҳолатҳои ғайрианъанавии таҳсилот, дар ҷараёни инкишоф ва пешрафти сифати таҳсилот мушоҳида карда мешавад.

Дар раванди фаъолияти инноватсионӣ баъзеҳо гумон менамоянд, ки онро танҳо дар литсей



ва коллеҷҳо татбиқ намудан хубтару мувофиқтар аст, зеро онҳо дорои устохона, машқгоҳи техникӣ, автодром (омӯзиши пешаи ронандагӣ), озмоишгоҳҳо ва дигар дастгоҳу таҷҳизот мебошанд. Баъзеҳо ҳатто намедонанд, ки дар фаъолияти педагогӣ равандҳои инноватсиониро дар куҷо имкони татбиқ кардан мавҷуд аст. Бинобар ин, ҳаминро бояд қайд намуд, ки дар фаъолияти педагогӣ корҳои инноватсионӣ ва навоварию ихтироъкориро дар соҳаҳои зерин татбиқ намудан мумкин аст:

- дар мазмуни таҳсилот;
- дар технологияи таълим;
- дар шаклҳои ташкили таълим;
- дар санҷиши маҷмуии таълимӣ-методӣ;
- дар низоми идоракунӣ;
- дар муносибат ва боварию озодандешии устоду шогирдон.
- дар раванди корҳои берунаазсинфӣ ва тарбиявӣ.

Ҳудуди татбиқи фаъолияти инноватсиониро метавон чунин ифода намуд:

а) равиягӣ (локалӣ);
б) тамсилавӣ (модулӣ);
в) пайдарҳамӣ.

Фаъолияти инноватсионӣ метавонад дар ду шакл ифода гардад:

а) нақшавӣ, мақсаднок;
б) ғайринақшавӣ, ташаббускорона, ногаҳонӣ.

Асоси фаъолияти инноватсиониро инҳо ташкил медиҳанд:

- ворид намудани дигаргунӣ ба барнома, стандарт, китоби дарсии мавҷуда ва низоми амалкунанда;
- омехтасозӣ (интегратсияи мавҷуда ба сифати нав);
- ихтироъ намудани амали навтарин, ки пеш дар фаъолияти педагогӣ маълум набуд.

Инноватсияро дар **сохти идоракунӣ** дар робита бо чунин омилҳо бояд мушоҳида кард:

- дар фаъолияти кафедра, иттиҳодияи методӣ, гурӯҳи эҷодӣ, ташкилоти ҷамъиятӣ-илмӣ оид ба ҳалли мушкилот;
- коркарди парвандаҳои равиявӣ, тавсияҳои методӣ, барномаи инкишофи сифати таълим ва ғайраҳо.

**Тавоноии инноватсионӣ** – тавсифи иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва эҷодии шахсияти омӯзгор мебошад, ки дар ташаккули фаъолияти педагогии ӯ ифода меёбад.

Бедор намудани майлу хоҳиши шахсии омӯзгор ба навоварӣ талаботи зеринро дар бар мегирад:

- доштани хоҳиши баланд барои шавқовартар гардонидани ҷараёни таълим;
- фаъолияти хешро дар ҷараёни таълим дилкаш, диққатҷалбкунанда ва ҷолиб сохта тавонистани омӯзгор;
- баланд бардоштани мавқеи омӯзгор дар коллектив, шинохти дастовардҳои ӯ, ташкили рақобат ба он;
- васеъ гардонидани имконоти ба кор дохилшавии мутахассисони ҷавон аз рӯйи касбият ва баланд бардоштани тахассуси омӯзгорӣ.

Сарвари давлат таъкид менамоянд, ки имрӯз дар соҳаи маорифи мамлакат ҳашт барномаи давлатӣ ва ду стратегияи дарозмуддат татбиқ шуда истодааст, ки ба рушду инкишофи таълиму тарбия, амалигардонии ислоҳоти соҳа, дастгирии мактабу омӯзгор, таълифи китобҳои дарсии насли нав ва такмили мазмуну мундариҷаи таҳсилот мусоидат менамояд.

***Лутфулло НАҶМИДДИНОВ,***
***омӯзгори МТМУ №22-и ноҳияи Файзобод***

**Соли 2024 дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 3903 иншоот мавриди истифода қарор дода шуд.**

ҶАЛАСА



20-уми январи соли равон дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи Зимни баргузории ҷаласа ва дигар кормандони соҳаи маориф иштирок намуданд.

11-и Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №145 тасдиқ гардидааст, ҷиҳати таҳия намудани барномаҳои алтернативӣ ва барномаҳои рушди босуръати кӯдакон (аз оилаҳои муҳоҷирон, муассисаҳои камнуфус, оилаҳои бесарпаноҳ, оилаҳои бешахрвандӣ, ақаллиятҳои миллӣ, маъюб), татбиқи низоми бисёрхолаи баҳогузорӣ, боло бурдани сатҳу сифати таълиму тарбия, такмил бахшидани неруи зеҳнии хонандагон ва чанде дигар мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Гуфта шуд, ки фароҳам овар-

# БАРРАСИИ ИҶРОИ СТРАТЕГИЯВУ ҚОНУНҲО ВА НИЗОМНОМАҲО

гурӯҳи корӣ доир ба иҷрои бандҳои дахлдори стратегияву қонунҳо ва низомномаҳо дар соҳаи маориф баргузор гардид. Дар он муовини вазири маориф ва илм Равшан Каримзода, сардорону кормандони раёсату шуъбаҳои дахлдори вазорат, роҳбарони муассисаҳои тобеъ масъалаҳои иҷрои талаботи банди 24-и Нақшаи миёнамуҳлати амал барои солҳои 2024 - 2026 (Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030), амалӣ намудани моддаи 33-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва банди дани шароити мусоиди таълим ва татбиқи стратегияву қонунҳо ва низомномаҳо бо мутобиқ намудан бо стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот дар рушди соҳаи маориф мусоидат мекунад.

*Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илм*

ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ

# ТАРБИЯИ КӮДАК МАСЪУЛИЯТ МЕХОҲАД

Тарбияи дурусти кӯдак имрӯз яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Дар оила кӯдак ба воя расида, ҳурмату эҳтиром, меҳру муҳаббат, нисбат ба калонсолон, ҳамсолону дӯстон пайдо мекунад ва рафтори дурустро дар ҷомеа меомӯзад. Тарбияи дурусти фарзанд вазифаи аввалиндараҷа ва масъулияти падару модар дар назди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Вазифа ва уҳдадориҳои падару модар дар тарбияи фарзанд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» ба таври мушаххас зикр гардидааст.

Таҷриба нишон медиҳад, ки агар падару модар одамони бофарҳангу бомаърифат бошанд, кӯшиш менамоянд, ки фарзандашон соҳиби дониш ва ҷаҳонбинии пешрафта гардад. Доир ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд мутафаккири Шарқ Муҳаммад Ғаззолӣ фармудааст: «Падару модар ба мисли сарчашмаи обе мебошанд, ки агар оби он мусаффо бошад, пас поёноб низ мусаффо хоҳад шуд».

Дар тарбияи кӯдак кӯдакистон низ нақши бориз дорад. Ҳангоме ки кӯдак дар кӯдакистон ба таълиму тарбия фаро гирифта мешавад, вобаста ба гурӯҳ бо дарназардошти синну сол мураббия бозиҳои мухталифи шавқоварро ба ӯ меомӯзонад. Ин бозиҳо ба ташаккули ақлу ҷисм ва нутқи кӯдак мусоидат мекунанд. Бозиҳои кӯдакон аз бозӣ бо бозичаҳо, тақлидӣ, серҳаракат ва дидактика иборат мебошанд:

• бозӣ бо бозичаҳо, асосан, ба кӯдакони синну соли гуногун хос аст (масалан, шақшақабозӣ, мошинчабозӣ, регбозӣ ва ғайра);

• дар бозиҳои тақлидӣ бачаҳо ба фаъолияти бузургсолон тақлид мекунанд (ронанда, духтур, фурӯшанда ва ғайра). Ин бозиҳо воқеаҳои муҳити атрофи бачаҳоро инъикос менамоянд. Вобаста ба синну сол бозиҳои кӯдакон ҳам мураккаб мешавад ва онҳо ҳамчун мутахассисони варзида ба камол расида, дар пешрафти ҷомеа ва давлат саҳмгузор мегарданд;

• бозиҳои серҳаракатро бачаҳо танҳо ё гурӯҳ-гурӯҳ иҷро мекунанд (масалан, чашмбандӣ, аскарбозӣ, тӯббозӣ ва ғайра). Ин бозиҳо бештар ба бачаҳои синни мактабӣ хос буда, саломатию иродаи онҳоро мустаҳкам ва қобилияти фикриашонро афзун мекунанд;

• бозиҳои дидактикӣ барои рушди зеҳнии кӯдакон аҳамияти калон доранд ва бештар ба бачаҳои гурӯҳи калони боғча ва талабагони синфҳои ибтидоӣ хос аст (лотобозиҳои махсус, чистон ва ғайра). Ҳангоми бозиҳои мазкур эҳсос, идрок, диққат ва хотираи онҳо инкишоф меёбад.

Интихоби дурусти бозичаҳо барои кӯдакон муҳим аст. Чун нақши бозичаҳо дар ҳаёти кӯдак бузург буда, вобаста ба синну сол бо дарназардошти суръати афзоиши ақливу ҷисмонии тарбиятгар тавре бояд интихоб кард, ки барояш ҷолиб ва муфид бошад.

*Гулшан НАБИЕВА, мураббии кӯдакистони №159-и ноҳияи Шоҳмансур*

ТОЗАНАШР

# «Чашмаи хирад»

Маълум, ки истифодаи зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам дар осори хаттӣ суханро боз ҳам ҷаззоб ва хотирмону хушоянд мегардонад. Андарзҳо умри беш аз ҳазорсола доранду аз насл ба насл то ба имрӯз расидаанд ва аз ҷумлаи арзишмандтарин ёдгориҳои фарҳангии ниёгонамон ба шумор мераванд.




Огоҳӣ дорем, ки ин махзани хирад борҳо дар шакли маҷмӯаву китобҳои алоҳида ба табъ расидааст. Албатта, такрор ба такрор чоп карданы манзури ахли ҷомеа гардонидани маҷмуи ҳикмату андарзҳо аз манфиат холӣ нест. Ин аст, ки як нафар марди адабпарвар Мурод Ёров чун «муште аз хирвор» барчидаи дурдонаҳои эҷоди мардумиро, ки хусусияти омӯзандагӣ доранд, зери муқоваи «Чашмаи хирад» дар шакли китоби алоҳида пешкаши хонандагон кардааст. Ин китоб дар ҶДММ «Табъу нашр» аз чоп баромада, барои истифодаи умум тавсия шудааст.

*Ҳотами ҲОМИД, «Омӯзгор»*

ПСИХОЛОГИЯ

# Таҳқири кӯдак норавост

**Зӯроварӣ ба кӯдакон амали номақбули волидон, омӯзгорон ва шахсони дигар мебошад, ки ба саломатии ҷисмонӣ ё руҳии онҳо зарар мерасонад. Лату кӯб, тамасхур, таҳқир, муқоисаҳои бадномкунанда ва танқиди беасос барои кӯдакон зиёновaранд. Илова бар ин, зӯроварӣ метавонад радкунии хоҳишҳои фарзанд, хунукназарӣ, бе дастгирии психологӣ ва маънавӣ гузоштани кӯдак бошад.**

Шахсоне, ки дар даврони кӯдакии худ дар хонавода зери таҳқир, фишор ва зӯроварӣ ба воя расидаанд, наметавонанд оянда дар муносибат бо дигарон тасмими дурусте гиранд ё муносибати хубе дошта бошанд.

Зӯроварӣ нисбат ба кӯдак на танҳо ба ӯ зарари моддӣ мерасонад ё ба ҳолати ҷисмонии ӯ таҳдид мекунад, балки мушкилоти ҷиддии ахлоқӣ ва равониро пеш меорад.

Чор шакли асосии озори кӯдакон вуҷуд дорад: озори ҷисмонӣ, ҷинсӣ, руҳӣ ва беэътиноӣ ба ниёзҳои асосии ӯ.

Зӯроварии ҷисмонӣ қасдан расонидани зарари ҷисмонӣ ба кӯдак мебошад.

Зӯроварии психологӣ (эмотсионалӣ) таъсири давравӣ, дарозмуддат ё доимии руҳӣ ба кӯдак аст, ки инкишофи шахсияти ӯро боздорад ва боиси ташаккули хислатҳои патологии характер мегардад. Шаклҳои зӯроварии равонӣ инҳоянд:

- радкунии ошкоро ва танқиди доимии кӯдак;
- таҳдидҳои ошкоро нисбат ба кӯдак;
- эродҳо дар шакли таҳқиромез, ки шаъну шарафи кӯдакро паст мезананд;
- дидаю дониста маҳдуд кардани муошират кӯдак бо ҳамсолон ё дигар калонсолон;
- дурӯғгӯӣ ва ба ваъда вафо накардани калонсолон;
- таъсири ягонаи равонии шадид, ки боиси осеби равонии кӯдак мегардад.

Омилҳои хатарзое, ки ба зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон мусоидат мекунанд:

- оилаҳои серфарзанд, оилаҳои фарзандхондашуда, падарандар ё модарандар;
- дар оила мавҷуд будани шахсони майзада ё нашъаманд;
- бекорӣ, мушкилоти доимии молиявӣ;
- мунокишаҳои оилавӣ;
- сатҳи пасти фарҳанг ва кори таълиму тарбия дар мактаб;
- анъанаҳои манфии оилавӣ;
- нуқсони руҳӣ ё ҷисмонии кӯдак...

Зӯроварӣ нисбат ба кӯдакон оқибатҳои зеринро ба бор меоварад:

► ташаккули нодурусти муносибатро дар кӯдакон эҷод мекунад, ки ин омил метавонад робитаи онҳоро бо калонсолон коҳиш бахшад;

► мушкилоти эмотсионалӣ: инкишофи эмотсионалии кӯдак суст мешавад, ӯ муошират карда наметавонад ё намедонад ва аксар вақт метарсад;

► эҳсосот нишон медиҳад (масалан, шодӣ ё ғамгинии ӯ), дар бораи эҳсосоти худ гап зада наметавонад ва аз ин рӯ, барои ӯ фаҳмидани эҳсосоти одамони дигар душвор аст;

► Инкишофи сусти ҷисмонӣ ва руҳӣ: ин гуна кӯдакон дертар ба гап задан медароянд, дар масъалаи роҳ гаштан ва инкишофи қаду вазн аз ҳамсолони худ қафо мемонанд;

► изтироб ва тарс (аз ягон шахс, макон, торикӣ);

► худбаҳодиҳии паст: дар чунин кӯдакон эҳсоси гунаҳкорӣ, шарм, нуфузи ҳаяҷону изтироб, депрессия инкишоф меёбанд, ки бо вайроншавии хоб, эҳсоси арзишҳои номукаммал ҳамроҳӣ мекунанд;

► сатҳи боварӣ ва худбаҳодиҳиашон нисбат ба фаъолиятҳояшон паст мегардад.

Аксар волидоне, ки нисбат ба фарзандони худ зӯроварӣ мекунанд, аз далелҳои зер огоҳ нестанд:

- ҷазои ҷисмонӣ хислатҳои бехтарини бачагонро кунд мекунад, дар онҳо дурӯғгӯӣ ва риёкорӣ, тарсончакӣ ва берахмиро инкишоф дода, ҳашму ғазаб ва кинаю адовати онҳоро нисбат ба волидон, муаллимон ва калонсолон бедор мекунад;

- кӯдаконе, ки ба зӯроварии ҷисмонӣ гирифтор шудаанд, эҳтимоли зиёд аст, ки даст ба худкушӣ, куштор ё ҷиноятҳои дигар зананд;

- вақте ки ин гуна кӯдакон калон мешаванд, эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки онҳо ба фарзандон ва волидони худ зулм мекунанд;

- муносибати дағалона нисбат ба кӯдакон оянда шахсонеро ба вуҷуд меоварад, ки маълумоташон паст буда, падару модари хуб шуда наметавонанд.

*Тағойбек ОЛИМОВ, мудири кафедраи умумидонишгоҳии психологияи ДДОТ ба номи С. Айнӣ*

ТАҲЛИЛ

# ОМИЛИ КАЛИДИИ РУШДИ ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ

Дар марҳилаи нави рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини рақобатпазирии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон нақши илм ва тафаккури илмӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва бунёдӣ хеле муҳим буда, рӯ овардан ба илмомӯзӣ, хусусан, ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ қадами қавӣ ва боэътимод мебошад. Зеро бидуни ташаккули зеҳнияти хонандагони соҳибистеъдод, бе омӯзонидани донишҳои замони муосир, таълими электронӣ, таъсиси озмоишгоҳҳо ва ворид намудани технологияи замонавӣ дар ҷаҳони муосир ҳеҷ як ҷомеа наметавонад ба ҳадафҳои неку ояндасози худ ноил шуда, рушди минбаъдаи сармояи инсониро таъмин намояд. Асри 21 асри илм ва технология буда, дар замони ҷаҳонишавӣ ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ танҳо мутахассисони ҷавобгӯи бозори меҳнат ва соҳибкасб метавонанд дар пешрафт ва ҳифзи арзишҳои миллии ҳар як давлат саҳми бориз дошта бошанд.

Тамоми дастовардҳои инсоният махсули омӯзиши амиқи қонуниятҳои табиат буда, нақши илмҳои табиатшиносӣ дар рушди ҷаҳони муосир мавқеи калидӣ дорад.

Воқеан, дар ҷаҳони муосир, ки дар он инқилоби бузурги илмию техникӣ ҷараён дорад, дур мондан аз омӯзиш ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ, риёзию техникӣ кишвар ба рушди иқтисодию иҷтимоии ноил шуда наметавонад. Ояндаи рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аз он, ки мо чӣ гуна метавонем дар камтарин фурсат ба фазои илми ҷаҳонӣ ворид шуда, дастовардҳои илмро дар истеҳсолоти миллӣ мақсаднок истифода барем, робитаи ногусастанӣ дорад.

Омӯзиш ва дар амал татбиқ намудани дастовардҳои илмҳои мазкур боиси рушди соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ ва давлат гардида, ҳамзамон, пешрафти ин илмҳо муҳимтарин рукни ҷаҳонбинии дунявӣ ва муассиртарин воситаи тарбияи шахсияти соҳибназар арзёбӣ мешаванд. Омӯзиши қонуниияту равандҳо ва ҳодисаҳои илмҳои техникӣ барои ба даст овардан ва ё истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, эҷод намудани дастгоҳҳову таҷҳизоти замонавӣ нақши бузург доранд. Омӯзиши илмҳои табиӣ маҷмуи донишро доир ба хусусиятҳо ва таъсири байниҳамдигарии шохаи дигар фанҳо, таъсири онҳо ба ҷамъият дар арсаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва муҳити зист таъмин месозанд.

Пешравиҳои илмӣ-техникӣ дар баланд бардоштани маҳсулнокии истеҳсолот ва беҳтар намудани шароити зисти одамон муҳим аст. Маҳз бо рушду омӯзиши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ метавон пешрафти босуботи иқтисодию иҷтимоии кишварро таъмин намуд.

Аз ин лиҳоз, барои дуруст ба роҳ мондани тарбияи насли наврас ва дарёфти истеъдодҳо дар самти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ моро мебояд, ки дар тамоми зинаҳои таҳсил, аз кӯдакистон то макотиби олӣ воситаҳои муосири тарғиб ва шавқманд гардонидани насли наврасро ба роҳ монем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ ба масъалаҳои саноатикунонӣ, истеҳсолот ва рушди иқтисодиёт диққати махсус дода, ба ин васила, сатҳи зиндагии аҳолиро зина ба зина баланд мебардорад.

Аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олӣ эълон гардидани солҳои 2020-2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дастури саривақтӣ буда, бо амалӣ гардидани он метавон дар сарнавишти таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳифаи заррини рушди илмҳои муосирро боз намуд.

Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади тақвият ва ба суръат бахшидан, инчунин, дарёфти чеҳраҳои нави илм, олимони эҷодкор, ихтироъкорон, навоварон




дар партави барномаи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат»-ро эълон намуданд. Мақсади асосии озмуни зикршуда, пеш аз ҳама, ҷалби ҷавонон ва аҳли зиёву табақаҳои гуногуни ҷомеа ба илмҳои бунёдӣ, ба монанди математика, информатика, кимиё, биология, физика, география ва ихтироъкориву навоварӣ мебошад, ки метавон ба ин роҳ таваҷҷӯҳи аҳли ҷомеаро ба самти илму маърифат равона кард. Ба ин васила, илму маорифи кишвар такомулу таҳаввул ёфта, сатҳу сифат ва касбияти мутахассисон баланд мегардад. Заминаи донишҳои замонавӣ амиқ ва мустаҳкам гардида, дар ин замина, ҳисси худшиносиву худогоҳии миллӣ низ ташаккул меёбад.

Дар робита ба ин, муассисаҳои соҳаи маориф ва илм ҳамасола олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявиро оид ба илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот баргузор намуда, ғолибони озмунҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо аз лиҳози моддиву маънавӣ қадрдонӣ ва ҳавасманд гардонида мешаванд. Чунин дастгириву ғамхориҳо ва ҳавасмандсозиҳо донишҷӯёну донишмандон ва дигар толибони илмро водор месозад, ки бахри пешрафту шукуфоии соҳаи маорифу илми миллӣ нақши босазои худро гузоранд.

Қабул ва амалӣ намудани барномаҳои махсус дар самти рушд ва пешрафти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ барои дастгирӣ ва рушди таҳқиқот дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию техникӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ ҷиҳати гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ, муҳайё кардани шароити мусоид дар самти тарбияи кадрҳои илмӣ, фароҳам овардани шароит бахри афзун намудани донишу неруи ақлонии инсонӣ ва вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ мусоидат менамояд.

Дар робита ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040», Вазорати маориф ва илм тақсимоти соатҳои таълимиро дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таҷдиди назар намуда, ба мақсади ба синфҳои таълими равия ҷудо намудани хонандагон, ба амал баровардани дифференсиатсияи тахассусӣ (тафриқа, яъне, гурӯҳбандии фанҳо аз рӯйи равия) ва фардикунонии таълим, фароҳам овардани шароити мусоид барои сайқал додани малакаю истеъдод, азхуд кардани дониш аз рӯйи равияи фанҳои табиӣ-риёзӣ ва технологӣ, ташаккули афкори шахсии хонанда, ҷаҳонбинӣ ва назари ӯ ба ҷомеа, фаъолгардонии мустақилияти хонандагон ва татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040» таълими равиявиро аз синфи 7 пешниҳод намуд, ки он имрӯз мавриди амал қарор дорад.

Стандарт ва барномаҳои таълимӣ аз фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар синфҳои ибтидоии таҳсилоти умумӣ (синфҳои 1-4) ва стандарт ва барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии соҳаи STEM (фанҳои математика, физика, химия ва биология)-ро таҳия карда истодааст.

Беҳтар гардидани сифати таълим дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ташкил кардани кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои таълимӣ барои фанҳои математика, физика, химия, биология, экология, технологияи информатсионӣ, касбу ҳунар ва география вобастагӣ дорад. Зеро бе таҷҳизи заминаҳои моддӣ-техникии кабинетҳои таълимии фанҳои табиатшиносӣ ҷараёни таълим ва сифати дониши хонандагонро бо таври самаранок ташкил кардан ғайриимкон аст.

Ба хотири ворид гардидан ба фазои ягонаи таҳсилот ва ба меъёрҳои байналмилалии таҳсилот ҷавобгӯ будани он, зарурати таҳия ва қабули барномаву стратегияҳо пайдо гардид, ки яке аз онҳо «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ ва илмию таҳқиқотӣ барои солҳои 2021-2025» ба ҳисоб рафта, ҳадафи асосии қабули барномаи мазкур дар сатҳи баланди ташкилӣ, бо истифода аз асбобҳои аёнӣ, иҷрои амалии корҳои озмоишӣ, ки бо мақсади мустаҳкамкунии дарс ба роҳ монда мешавад, инчунин, ташкил ва гузаронидани таҳқиқоти фардӣ ва гурӯҳӣ, ҳосил кардани иттилоот оид ба дастовардҳои илмӣ ва техникии замони муосир, маълумоти муосир оид ба фанҳои зикршуда махсуб меёбад.

Донистан ва пешниҳод намудани маълумоти фарогир оид ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз ҳадафҳои дигари «Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2021-2025» ба ҳисоб рафта, дар баланд бардоштани савияи дониши хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад. Амалӣ гардидани барнома ба тараққиёту пешрафти илму техника мусоидат менамояд.

Ҳамаи ин иқдомҳо ба рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, ихтироъкорию кашфиёт ва рушди устувори иқтисоди миллӣ шароит фароҳам меоварад.

Тавре иттилоъ дорем, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади саноатикунонии босуръати мамлакат ва аз давлати аграрӣ ба кишвари саноатӣ табдил додани он, солҳои 2021-2026-ро «Солҳои рушди саноат» ва солҳои 2025-2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намуданд. Барои расидан ба ин ҳадафи стратегӣ бояд, пеш аз ҳама, мутахассисони соҳибмаълумоти соҳаро омода созем, ки яке аз мақсадҳои эълон намудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф, солҳои 2020-2040» низ дар ҳамин мебошад.

***Шавкат КАРИМЗОДА,***
***директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илм***

## Таваҷҷуҳ ба рушди маориф ва технологияҳои иттилоотӣ

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28 декабри 2024 ироа гардид, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар мавриди таҳлил қарор дода шуданд.

Рушди маориф ва технологияҳои иттилоотӣ на танҳо ба баланд гардидани сифати таҳсилот таъсири мусбат мерасонад, балки ба таҳкими иқтисодӣ ва иҷтимоӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар Паёми Президенти кишвар сармоягузорӣ ба маориф ва технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла, бунёди инфрасохтор ва инкишофи захираҳои инсонӣ муҳимму саривақтӣ дониста шуд.

Президенти кишвар таъкид намуданд, ки дар се соли охир дар Тоҷикистон беш аз 1500 иншооти соҳаи маориф, аз ҷумла, муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти миёнаи умумӣ, сохта, ба истифода дода шуданд. Ин тадбирҳо ба рушди соҳаи маориф ва таъмини дастрасии бештари кӯдакон ба таҳсилот мусоидат мекунанд: «Муҳим аст, ки дар се соли оянда бунёди 800 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва беш аз 1000 муассисаи таҳсилоти умумӣ таъмин гардад.» Иншооти нав ба беҳтар намудани шароити таълимӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат менамоянд. Президент таъкид карданд, ки ҳамаи пешравиҳои ҳар як давлат ва ҷомеаро мактабу маориф ва илму дониш таъмин мекунанд.

Ҳамчунин, дар идома зикр намуданд, ки «Технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ имконият медиҳанд, ки самаранокии кор ва сифати хизматрасониҳо баланд шавад. Истифодаи зеҳни сунъӣ, инфрасохтори 5G ва махзанҳои маълумот на танҳо ба шаффофият, балки ба амнияти иттилоотӣ ва ҳифзи маълумот низ мусоидат мекунанд.»

Паёми охирини Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон равшан нишон медиҳад, ки кишвар ба рушди соҳаҳои маориф ва технологияҳои иттилоотӣ диққати асосӣ дода мешавад. Ин самтҳо дар таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум нақши муҳим мебозанд. Технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ василаи тавоно барои пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвар махсуб меёбад.

***Ш. ЗАРИФОВА,***
***номзади илми филология, сармуаллими кафедраи иттилоот ва технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров***

ҚОБИЛИЯТИ ЗЕҲНӢ

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

**Машғулияти чорум (Синфҳои 5-6)**

61. Муодиларо ҳал кунед:

$$2+\frac{180}{E-11}=22.$$

62. Дар рӯзнома навишта шуда буд, ки дар мактаби №2001 3688 талаба таҳсил мекунад ва бачагон аз духтарон 373 нафар зиёдтар мебошанд. Маъруф яку якбора ҳисоб накарда, изҳор намуд, ки дар ҳисоб ба хатоӣ роҳ дода шудааст. Ӯ инро чӣ хел пайхас намудааст?

63. Сабад 13-то себ дорад. Бо тарозу вазни дуто себро фаҳмидан мумкин аст. Вазни умумии тамоми себҳоро бо 8 маротиба баркашидан чӣ хел ёфтан мумкин аст?

64. Лола амалҳоро иҷро кард:
1997·1999·2001-1998·2000. Рақами охирини ҷавоб кадом аст?

65. Панҷ гурба дар панҷ дақиқа панҷто мушро дошта гирифт. 10 гурба дар 10 дақиқа чанд мушро дошта гирифта метавонад?

66. Миёнаи арифметикии 6 адад ба 345, миёнаи арифметикии чор адади дигар ба 555 баробар аст. Миёнаи арифметикии ҳамаи ин 10 адад ба чанд баробар аст?

67. Дар корхонаи қаннодӣ ба ҳар як қуттии шоколад талон гузошта шуд. Барои 10 дона талони ғункардашуда ба харидор як қуттӣ шоколад тухфа дода мешавад. Арзиши як талон кадом қисми арзиши як қуттӣ шоколадро ташкил медиҳад?

68. Адади хурдтаринро ёбед, ки он ҳангоми тақсим ба 2, дар бақия 1, ҳангоми тақсим ба 3, бақия 2, ҳангоми тақсим ба 4 дар бақия 3, ҳангоми тақсим ба 5, дар бақия 4, ҳангоми тақсим ба 6, дар бақия 5-ро диҳад.

69. Дар кӯпруки болои дарё танбал ва қаллоб бо ҳам вохӯрданд. Танбал аз қашшоқии хеш нолид. Дар ҷавоб қаллоб гуфт: «Ман метавонам ба ту ёрӣ расонам. Ҳар гоҳе ки ту аз ин кӯпрук мегузарӣ, миқдори пулҳои ту дучанд мешавад. Аммо ҳар бор аз кӯпрук гузашта истода, ту ба ман 24 танга медиҳӣ» танбал кӯпрукро се маротиба мегузарад. Вақте ки ба ҳамёнаш назар меандозад, мебинад, ки он холӣ аст. Танбал дар ибтидо чӣ қадар пул дошт?

70. Дар як сатр 5 ададро ҳамин хел нависед, ки ҳосили зарби дилхоҳ ду адади ҳамсоя манфӣ ва суммаи ҳамаи ададҳо мусбат бошад.

71. Дар як сол чанд рӯзи якшанбе ҳаст?

72. Синну соли миёнаи 11 бозингари дастаи футбол ба 22 баробар аст. Вақте ки як бозингар аз майдон ронда шуд, синну соли миёнаи бозингарони боқимонда ба 21 баробар шуд. Бозингари аз майдон рондашуда чандсола аст?

73. Ду писарбача бо як велосипед ба деҳаи ҳамсоя раҳсипар шуданд. Онҳо ба велосипед бо навбат савор мешуданд. Вақте ки яке аз онҳо ба велосипед савор мешуд, писарбачаи дуюм надавида, роҳ мерафт. Ба ин нигоҳ накарда, онҳо ба деҳаи ҳамсоя назар ба он, ки ҳарду пиёда меомаданд, тезтар омада расиданд. Ин ба онҳо чӣ хел муяссар гардидааст?

74. Суммаи камшаванда, тарҳшаванда ва фарқ ба 2000 баробар аст. Камшавандаро ёбед.

75. 20-то чӯби семетраро ба кундаҳои нимметрӣ бурида ҷудо карданд. Чанд буриш иҷро карда шудааст?

76. Оё Пӯлод метавонад 44 тангаро ба 9 халта тавре ҷойгир кунад, ки шумораи тангаҳои ҳар як халта гуногун бошад?

77. Ададҳои 1, 2, 3, 4, 5, 6, 7, 8-ро дар қуллаҳои куб тавре ҷойгир кунед, ки суммаи ададҳои ҳар як рӯя баробар бошанд.

78. 2001 адади додашуда аст. Маълум аст, ки суммаи дилхоҳ чортои ин ададҳо мусбат мебошад. Оё суммаи ҳамаи ин ададҳо мусбат шуда метавонад?

79. Аз 15 саққо секунҷаи баробартараф (расм 3) сохтан мумкин аст, аммо квадрат (расми 4) сохтан мумкин нест, якто саққо намерасад. Аз кадом миқдори саққоҳо, ки аз 50 дона зиёд нест, ҳам секунҷа ва ҳам квадрат сохтан мумкин аст?



Расми 3



Расми 4

80. Дар ифодаи 2:3:4:5:6=5 қавсҳоро ҳамин хел гузоред, ки баробарии дуруст ҳосил шавад.

**Ҳалли масъалаҳо ва нишондоди онҳо**

**61.** $x$=20 . Аввал ҷамъшавандаи номаълумро меёбем - 20, пас аз он тақсимкунандаи номаълум – 9-ро меёбем. **62.** Бигузор шумораи духтарон – $x$, шумораи бачагон $2x$+387 бошад, ки ин ҳеҷ гоҳ ба 3688 баробар нахоҳад шуд. **63.** Дар 5 баркашидан, вазни суммарии себҳои якум ва дуюм, сеюм ва чорум, панҷум ва шашум, ҳафтум ва ҳаштум, нуҳум ва даҳумро, яъне, вазни суммарии даҳ дона себи авваларо ёфтан мумкин аст. Вазни суммарии себҳои ёздаҳум ва дувоздаҳум, ёздаҳум ва сездаҳум, дувоздаҳум ва сездаҳумро ёфта, мо метавонем, натиҷаҳои се бор баркашиданҳои охиринро ҷамъ карда, вазни суммарии дучандаи се баркашиданҳои охирин, яъне, вазни умумии ҳамаи себҳоро ёбем. **64.** 3. Ҷамъшавандаи якум ба 3, дуюмаш бо 0 ба охир мерасад. **65.** 10 муш. Агар 5 гурба дар 5 дақиқа 5 муш дошта бошад, дар 10 дақиқа онҳо ду маротиба бештар муш медоранд. **66.** 429. Суммаи ҳамаи даҳ ададҳо ба 345·6+555·4=4290 баробар аст. **67.** Нархи талон ба $\frac{1}{9}$ -и нархи шоколад мувофиқ аст. Дар қуттии «мукофотӣ» низ талон мавҷуд аст, яъне харидор тухфа ва 9-дона талон ба даст меорад. **68.** Агар ба адади матлуб 1 ҷамъ карда шавад, вай ба 2 бе бақия тақсим мешавад. Вай ба 3, ба 4, ба 5 ва ба 6 ҳам тақсим мешавад. Адади хурдтарини ин намуд 2·3·2·5=60 мебошад. Адади матлуб 59 мебошад. **69.** 21 танга. **70.** Масалан: -3; 5; -3; 5; -3. **71.** 52 ё 53, яъне 364 рӯз , 52-то якшанбе мешавад. **72.** 32 сол. Синну соли умумии 11 нафар бозингарон ба 242 сол, 10 нафар бозингарон ба 210 сол баробар аст. **73.** Саворaи якум дар велосипед ними роҳро тай карда, қисми боқимондаро пиёда тай мекунад. **74.** 1000. Ҳал. Суммаи тарҳкунанда ва фарқ ба тарҳшаванда баробар аст, пас 2000 дучанди тарҳшаванда мебошад. **75.** 100 буриш. Барои буридани як чӯб 5 буриш лозим аст. **76.** Не. Агар дар 10 халта шумораи гуногуни тангаҳо мавҷуд бошад, он гоҳ шумораи умумии тангаҳо он кам аз 1+2+. . . +9=45 мебошад. **77.** Ба расм нигаред.




**78.** Ҳа. Дар байни ин ададҳо як адади мусбат буда, ададҳои боқимондаро ба чоргонаҳо ҳамин хел ҷудо кардан мумкин аст, ки дар ҳар яки онҳо сумма мусбат мебошад. **79.** Ба расм нигаред.



**80.** (2:3):(4:5:6)=5.

***Мамадҷон МАҲКАМОВ,***
***профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ, номзади илмҳои педагогӣ***

ДИДГОҲ

## Омили самаранокии таълим

Барои он ки дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик ва корҳои беруназсинфӣ аз ин фанҳо муассиру самаранок баргузор карда шаванд, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъсис додани дарсгоҳи забон ва адабиёт аз ҳар ҷиҳат зарур аст.

Вазифаи аввалиндараҷаи дарсгоҳи забон ва адабиёти тоҷик дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ иборат аз инҳост: а) ёрӣ расондан ба омӯзгор ҷиҳати самаранок таълим додани фанни мазкур; б) ёрӣ расондан дар бобати муташаккилона ташкилу баргузор намудани намудҳои гуногуни корҳои беруназсинфии хонандагон (маҳфили забон ва адабиёти тоҷик, таҳияи рӯзномаҳои деворӣ, тайёрӣ ба конференсияю озмунҳои фаннӣ ва ғайраҳо). Инчунин, ташкили дарсҳои иловагӣ барои хонандагони сустхон ва машғулиятҳои интихобӣ аз забон ва адабиёти тоҷик маҳз дар ин гуна дарсгоҳ муассиртар хоҳад буд.

Дарсгоҳи забон ва адабиёти тоҷик бояд бо маводи барои таълим зарур ҷиҳозонида шуда бошад. Пеш аз ҳама, маводи дарсгоҳро бояд китобу барномаҳои таълимӣ аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, аксҳои адибон ва забоншиносону адабиётшиносони маъруф, силсилаи воситаҳои аёни (таблитсаву расмҳои гуногун, воситаҳои намоишдиҳӣ ва ғайраҳо), луғатҳои гуногун, маҷмуаи диктант ва нақли хаттӣ, картотекаҳо, феҳристи адабиёти нав доир ба забон ва адабиёт, китобҳои бадеӣ, маҷаллаву рӯзномаҳои илмиву методӣ ташкил диҳанд. Дар синфхона, инчунин, ҳамеша дафтарҳои хонандагон (дафтарҳои синфӣ ва корҳои хаттии санҷиши онҳо – диктант, нақли хаттӣ ва иншо) бояд нигоҳ дошта шавад. Гӯшаҳои махсус, аз қабили «Намунаи корҳои беҳтарини хонандагон», «Гӯшаи забони тоҷикӣ», «Пешсафони хониш», «Ба имлои ин калимаҳо диққат диҳед», «Ҳуҷҷатҳои расмӣ», «Бузургон дар бораи забон ва аҳаммияти забондонӣ», «Китобро чи тавр бояд қироат кард?», «Чиро бояд хонд?», «Рӯйхати аъзои маҳфили забон ва адабиёти тоҷик»-ро таъсис додан мувофиқи мақсад мебошад. Дарсгоҳ боз ҳам ҳусну мазмуни нав мегирад, агар дар зери аксҳои забоншиносону адибони классику муосири тоҷик иқтибосҳо аз эҷодиёташон дар лавҳаҳо сабт карда шаванд.

***Дурахшон СОДИҚОВ,***
***омӯзгор***

АНДЕША




Ҷавонон дар шароити кунунӣ ба воқеияти сиёсӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷаҳон зудтар ва беҳтар ҳамоҳанг гардида, дар бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми худро мегузоранд.

Бо дастури Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм-фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Тоҷикон дар оинаи таърих» роҳандозӣ шудааст.

## Озмунҳо ва рушди зеҳнии ҷомеа

Озмунҳои мазкур ҳисси ватандӯстиро дар дили тамоми пиру барнои кишвар бедор намуда, тафаккури ҷомеаро такмил мебахшанд. Дар зимн, ба омӯзиши таърихи пурифтихори халқамон, арҷгузорӣ ба арзишҳои волои таъриху фарҳанги миллат, тарбияи ҳувияти миллӣ, эҳсоси ватандорӣ ва тақвияти донишу малакаи ҷавонони даврони истиқлол мусоидат мекунад.

Дар сиёсати давлат илм яке аз омилҳои асосии рушди кишвар ва олимон захираи бузурги зеҳнии ҷомеа маънидод гардидааст. Истиқлоли давлатӣ шароити мусоидро фароҳам овард, ки таърихи пурғановати кишварамон бар ҷаҳониён ҳамчун миллати тамаддунсозу фарҳангсолор, эҷодкору илмпарвар ва шаҳрсозу шаҳрнишин муаррифӣ гардад. Илм ҳамчун неруи бевоситаи истеҳсолӣ ба пешрафти давлат мусоидат намуда, кишварро таҳкиму устувор менамояд. Аз ин рӯ, бевосита, ба сифати неруи ҳаракатдиҳандаи иҷтимоӣ илм барои амалӣ намудани барномаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, рушди ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшад.

***Розиямоҳ ҒАФУРОВА,***
***директори МТМУ №9-и ноҳияи Данғара***

**Дар шаҳри Душанбе Маркази рушди истеъдодҳои соҳаи санъат таъсис дода мешавад.**

ШЕВАҲОИ ТАДРИС

# МУҲИТИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТӢ

Муҳити таълимӣ муҳити махсусе мебошад, ки ба пайдо намудани маҳорату малака ва салоҳиятҳои зарурӣ равона карда шудааст.

**Омилхое, ки ба сифати омӯзиш таъсир мерасонанд:**




Тавре ки аз расм маълум аст, барои азхуд кардани мавод дарки бомуваффақият ва фаҳмиши ахбори таълимӣ таъсир мерасонанд. Ба ҷуз ин, дарки ахбори таълимӣ аз ҷониби хонанда аз диққати вай ба ин ахбор вобастагӣ дорад. Барои ин чӣ бояд кард?

Якум, хусусиятҳои иттилоъро, ки таваҷҷуҳи хонандагонро ҷалб мекунанд, чудо бояд кард.

Дуюм, шакли сохтори пешниҳоди иттилоъро истифода кардан даркор, ки онҳо барои қабул шавқоваранд.

Ва ниҳоят, фаҳмиши омилхое мебошад, ки ба муносибати хонанда ба омӯзиши иттилоот таъсир мерасонанд.

**Омилҳои фаҳмиши ахбори таълимӣ-технологӣ**

Ҳамин тариқ, яке аз омилхое, ки ба созмон додани муҳити таълимӣ таъсир мерасонад, иттилоот бо хусусияту сохтораш мебошад. Майдони иттилоотие, ки аз тарафи омӯзгор ҳаматарафа созмон дода, мешавад, хонандагон дар он бо фаъолияти худ сифати омӯзишро муайян мекунанд. Ба сифати омӯзиш омилҳои нигоҳ доштани қобилияти кории дарозмуддат таъсир мерасонанд. Барои нигоҳдории кори дарозмуддату самараноки зеҳнӣ якчанд қоидаи гигиениро риоя бояд кард:

• ҳавои биноро тоза кардан лозим аст, чунки дар ҳавои хунук оксиген нагз ҳал мешавад, талаботи оксиген дар кори ақлонӣ аз ҷисмонӣ дида, 8-10 маротиба зиёдтар аст;

• намуди корро ба намуди дигари он иваз кардан лозим;

• речаи корӣ, хӯрок, истироҳат ва хобро риоя бояд кард;

• ритмҳои биологиро ба назар гирифтан лозим: ду маротиба дар як шабонарӯз қувваи кори дили инсон паст мефарояд: дар соати 13-00 ва 21-00, дар ин ҳолат сарбориҳои зиёди ақлонӣ ва ҷисмонӣ лозим нест.

Агар омӯзгор аз кори худаш ҳаловат барад, ин кор ба ӯ маъқул аст. Кор дар ҳамон вақт ба ӯ маъқул мешавад, ки агар бо техникаи педагогӣ ва принсипҳои бунёди муҳити интерактивии таълимӣ мусаллаҳ бошад.

Дар алоқамандӣ бо ин вазифа омӯзгор:

- қарор қабул мекунад;
- дар таҳсил ба хонандагон ёрӣ мерасонад;
- таҳсили хонандагонро мушоҳида намуда, дастовардҳояшонро баҳогузорӣ менамояд;
- дар нақши худ намуна аст.

**Омӯзгор қарорҳоро нисбат ба масъалаҳои зерин қабул мекунад:**

**Муҳити ҷисмонӣ**

Муҳити ҷисмонӣ – синфхона ва озмоишгоҳе мебошад, ки дар он хонанда таҳсил мекунад, тарзи ҷобаҷогузории мизу курсӣ, овезаҳои девор, ҳамаи ин маҷмуи қарорҳоест, ки омӯзгор онҳоро баҳри ташкил намудани шароити мусоиди таҳсили кӯдакон равона менамояд.

**Мавод**

Мавод воситаи муҳимми чараёни таълимӣ мебошад. Омӯзгор тасмим мегирад, ки хонандагон кадом боби китобро мехонанд, кадом маълумоти иловагиро интихоб мекунанд (маълумоти таърихӣ, тарҷумаи ҳоли олимон), хусусият ва сохтори майдони иттилоот чӣ гуна бошад, кадом таҷҳизот лозим мешавад, чӣ гуна асбобҳои аёнӣ тайёр бояд кард ва ғ.

**Банақшагирии дарс**

Мақсадҳои таълимӣ чӣ тавр интихоб кардан, дараҷаҳои натиҷаи интизоршавандаро аз таҳсил муайян намудан, кадом методҳоро истифода ва чӣ қадар вақт барои иҷроиши машқҳо ҷудо сохтан даркор? Дарсро бояд гуногунранг ва шавқовар доир намуд. Саъйю талош бояд кард, ки ҳар як дарс кашфиёти хурде шавад ва ғайра. Ба ин ва боз ба саволу супоришҳои бисёри дигар омӯзгор ҳангоми ба нақша гирифтани дарс бояд ҷавоб ҷӯяд.

**Омӯзгор ба хонандагон кумак мекунад, тавассути:**

- муҳити ҳавасманд;
- навоварӣ дар кор;
- сатҳи гуногуни мураккабии супориш;
- мувофиқати қобилияти хонандагон;
- рефлексия (робитаи мутақобил, мулоҳизаронӣ дар бораи таассурот, комёбӣ, дастовард ва мушкилоте, ки дар дарс паси сар шуд).

**Нақши омӯзгор дар раванди дарс**

Нақши омӯзгор ва ё таълим (дар мисоли худи омӯзгор) аз мафҳумҳои зерин иборат аст: фаъолияти эҷодии гуногуни ӯ, ташкил намудани вазъияти проблемавӣ, шаклсозии ҳалли проблемаҳо, ташкил намудани муҳити таълимӣ дар синф, нишон додани муносибати хайрхоҳона бо хонандагон, созмон додани фазои эҳтироми байниҳамдигарӣ.

**Ҳавасмандӣ (мотиватсия)**

Ҳавасмандӣ – яке аз ангезандаҳои фаъолияти инсон маҳсуб ёфта, дар ҳолати эҳтиёҷот ва зарурат (набудан, натавонистан ва хоҳиши дастрас кардани ягон чиз ва ё доштан) пайдо мешавад. Масъалаи ҳавасмандӣ вақте пайдо мешавад, ки сабаби фаъолияти инсонро шарҳ додан лозим бошад.

Ду намуди ҳавасмандиро қайд мекунанд: дохилӣ ва берунӣ.

Ҳавасмандии беруна ба таъсири муҳити беруна алоқаманд аст.

Ҳавасмандии дохилӣ аз равшану дақиқ фаҳмидани талаботу эҳтиёҷоти инсон асос мегирад, таври мисол, хонандаи синфҳои болоии муассисаҳои таҳсилоти миёна мефаҳмад, ки барои геолог шудан, бойигариҳои табиии Тоҷикистонро омӯхтан бисёртар ба омӯзиши фанни география диққат додан лозим аст, дар натиҷа вай ин фанро амиқтар меомӯзад.

Аксари омӯзгорон ба он боваранд, ки агар дар хонанда ҳавсмандии «зарурӣ» ташаккул дода, шавад, ба ин тариқ, мо метавонем ба натиҷаҳои баланд ноил шавем ва проблемаҳои бисёри таълимиро ҳал намоем.

*Некрӯз АКБАРОВ,*
*омӯзгори технологияи иттилоотии МТМУ №42-и ноҳияи Мастчоҳ*

---

ИДЕОЛОГИЯ

# ҲАЗАР АЗ ТЕРРОРИЗМ ВА ИФРОТГАРОӢ

Ҳоло яке аз масъалаҳои муҳим, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷумҳурии моро низ ба ташвиш овардааст, терроризм ва ифротгароӣ мебошад. Терроризм ва ифротгароӣ аз зуҳуроти номатлуб ба шумор мераванд, зеро зуҳуроти мазкур боиси ба миён омадани оқибатҳои нохуш – таҳдид ё истифодаи зӯроварӣ, расонидани зарари вазнин, таҷовуз ба ҳаёти арбобони давлатӣ ё ҷамъиятӣ, бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва ба аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ мебошанд. Ифротгароӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Махсусан, ифротгароии сиёсӣ, динӣ ва миллӣ намоёнтар аст. Ифротгароии миллӣ талаботу манфиатҳои миллату қавми хешро ҳимоя намуда, манфиатҳо ва ҳуқуқҳои дигари миллию этникиро сарфи назар месозад. Терроризм ва экстремизм яке аз проблемаи асосии имрӯза буда, махсусан, ҷавононро бо ҳар гуна ваъдаҳои бардурӯғи динию дунявӣ ҷалб намуда, онҳоро ба чараёнҳои террористӣ сафарбар менамоянд. Террористҳо гурӯҳҳои хурд буда, ба ҷомеаи имрӯза бо ҳар гуна роҳ зиён мерасонанд. Дар ҳар як сомонаи сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра мавзуи асосӣ ба пайвастани шаҳрвандон ба гурӯҳҳои ифротгароӣ равона шудааст, ки ин яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи имрӯза аст.

Боиси таассуф ва нигаронии аҳли ҷомеа гардидааст, ки имрӯзҳо бархе аз ҷавононо мо пойбанди арзишҳои мазҳабии бегона гардида, ҳам дар ҳаёти шахсӣ ва ҳам дар муколамаҳои интеретӣ аз афкору ақоид ва таълимоти ифротгароёнаи динӣ пуштибонӣ менамоянд ва бо ин амали хеш ба муҳити солими ҷомеа латма ворид менамоянд. Вақте ба муҳтавои андеша ва услуби суханронии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамоем, ба осонӣ дармеёбем, ки ҳамагӣ ба гирдоби таассубу ҷаҳолати динӣ афтида, ноогоҳона ба доми қаллобону бидъаткорон ва таҳрифгарони дини мубини ислом, ки мехоҳанд бо сӯиистифода аз ислом аҳдофи сиёсии худро амалӣ намоянд, гирифтор шудаанд. Ин тоифа, воқеан, ҷоҳилу ноогоҳанд, зеро онҳо на танҳо аз аҳдофи сиёсии роҳбаладон ба сабаби маҳдудии дониши сиёсӣ дар канор мондаанд, балки ба сабаби маҳдудии дониши дунявии хеш дар ҷомеаи озоди мо мақоми сазоворро касб карда натавонистанд.

Имрӯз вазъияти хатарбори ҷаҳонӣ тақозо менамояд, ки инсонияти бори дигар ба арзишҳои маънавӣ, аз қабили инсондӯстӣ, хайру саховат, ватандӯстӣ, садоқату вафодорӣ ба марзу буми ниёгон, виҷдон ва монанди инҳо арҷгузорӣ намояд.

Дар ҳақиқат, терроризм падидаи номатлуби замони муосир буда, фаҳмиши он дар содир кардани ҷиноятҳои вазнин, аз қабили куштори мардум, ба гаравгон гирифтани одамон, тарконидани иншооти маишиву фароғатӣ, рабудани воситаҳои гуногуни наклиётӣ ба сифати гарав ва амсоли инҳо дониста мешавад. Экстремизм бошад, хислати ҷудоихоҳӣ, ифротгароӣ ва игвоангезиро дар худ таҷассум намуда, бо терроризм алоқаи зич дорад. Ба ибораи дигар, оқибати экстремизм терроризм аст. Ин ҳар ду барои ҷомеа оқибати басо нохуш ва нанговар доранд.

Имрӯз миллати тоҷик ва мардуми кишвари Тоҷикистон дар фазои сулҳу осоиш ба меҳнати бунёдкорона машғуланд ва ба хуб мефаҳманд, ки танҳо сиёсати хирадмандонаю дурандешонаи Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мамлакатро ба сӯйи оянди дурахшону босаодат раҳнамун месозад. Маҳз хиради созандаву бунёдкори Сарвари кишвар буд, ки имрӯз дар мамлакати мо сулҳу субот пойдор аст.

Бинобар ин, мо – шаҳрвандони кишвар, омӯзгорон, мураббиён ва дигар фаъолони ҷомеаро зарур аст, ки дар маҷрои ҷаҳонишавӣ бо дарки масъулият истиқлоли худро натанҳо бо шиору гуфтор, ситоишу парастиш, балки бо меҳнати софдилона ва самимӣ дар ҳама соҳаҳо таҳким бахшем, бепарво набошем ва барои таълиму тарбияи наврасон, ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, инчунин, ҷалби онҳо ба корҳои созандагиву ободкорӣ, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, таҳким бахшидани ваҳдати миллӣ саҳмгузор бошем.

*Ҳафиза СОДИҚОВА,*
*Зебо ВОҲИДОВА,*
*омӯзгорони калони кафедраи ТИКБ, ДДҲБСТ*

---

**Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади таъмини истиқлоли энергетикӣ 18 лоиҳаи сармоягузориро амалӣ намуд.**

АДАБИЁТ

# ҚАҲРАМОНҲОИ «ШОҲНОМА» ДАР РУБОИЁТИ БОЗОР СОБИР

«Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсӣ далели бузургии фарҳанги наслҳои ориёӣ, аз ҷумла, тоҷикон ба дар масири таърих аз қадимӣ ва соҳибмаърифату соҳибадабиёт будани миллатҳои форсизабон ба шумор меравад. Таърихшиносону фарҳангшиносон, олимону адибон дар аксари маврид, барои исботи фикри худ ба ин сарчашмаи муътамад такя кардаанд. Махсусан, таъсири «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар эҷодиёти шоирони пас аз ӯ омада назаррас мебошад. Тақрибан ҳамаи адибони классик ва муосири тоҷик дар пайравӣ ба ин шоҳасар чизе гуфтаанд, ё аз он илҳом бардоштаанд.



Дар илми назмшиносӣ санъати маънавие бо номи «талмеҳ» мавҷуд аст. Маънои луғавии ин калима ишора ё нигоҳи сабук кардан ба сӯйи чизест. Агар адиб дар навиштаи худ ба қисса, ривоят, воқеаҳои таърихиву асотирӣ ва масалҳои машҳур ишора карда бошад, онро талмеҳ меноманд. Бозор Собир аз ин санъати маънавӣ фаровон кор бурдааст. Махсусан, дар рубоиёти ӯ қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-ро вохӯрдан мумкин аст, ки тавассути истифодаи моҳиронаи санъати талмеҳ вориди мавзуъ гардидаанд.

Номи худи Фирдавсӣ ва қаҳрамонҳои «Шоҳнома»-аш, аз қабили Зардушт, Ардашери Бобакон, Куруши Кабир, Искандар, Рухшона, Рустам, Суҳроб, Сиёвуш, Маздак, Бобак, Яздигурд ва дигаронро мушоҳида мекунем:

**Се ҷойи муқаддас аст дар кишвари Фурс:**
**Аввал сари хоки шоири Машҳади Тус,**
**Дуввум ба ҷануб меравӣ - қабри Куруш,**
**Севвум ба шимол меравӣ - ҷангали Йуш.**

(Дар мисраи охир зодгоҳи сарояндаи шеъри нави форсӣ-Нимо Йушиҷро дар назар дорад.)

Дар рубоии боло шоир ҳам ба оромгоҳи Фирдавсӣ ва ҳам ба мақбараи Куруши Кабир ишора кардааст, ки ҳоло ҳарду ҳам чун ҷойи муқаддасу таърихӣ, зиёратгоҳи аҳли илму сухан гардидаанд.

**Дар Марв, ки Яздигурдро зӯру забун**
**Куштанд дар осиёб бо нанги фузун,**
**Гӯянд, ки осиёбҳо гардонанд**
**Умре ҳама дар вилояти Марв ба хун.**

Дар рубоии фавқ қиссаи кушта шудани шоҳи охирини сулолаи Сосониён - Яздигурди Шаҳриёр бо дасти осиёббон дар шаҳри Марв тасвир ёфтааст. Шоир ин ҳодисаро дар рубоии дигар низ хеле ҷаззобу зебо баён кардааст:

**Қадри аҷалам зи одамон метарсам,**
**Аз ҳамватанон дарақ-дарақ меларзам.**
**Бонигари осиёбаш одам куштаст,**
**З-аҳли қаламу китобашон метарсам.**

Агар хонанда бо «Шоҳнома» ошно бошад, маънии ин рубоиро дарк мекунад ва медонад, ки гап сари кадом воқеаи таърихӣ рафта истодааст.

Дар ҷойи дигар ишора ба достони дигари «Шоҳнома», дар бораи фоҷеаи Маздак ва се ҳазор пайрави оинаш, ки дар як шаб сарозер ба замин гӯр карданд, шоир чунин фармудааст:

**Он шаб се ҳазор маздакиро куштанд,**
**Фарёд, ки мардони закиро куштанд.**
**Монанди дарахт чаппагардон ба замин,**
**Аз маздакиёни кушта ҷангал киштанд.**

Ишора ба қаҳрамони марказии бахши дуюми «Шоҳнома» Рустам ва фоҷеаи Суҳроб, ки қариб ҳама аз ин достон огоҳанд, Бозор Собир дар яке аз рубоиҳои худ нигоштааст:

**Ту Рустаму додарони ман Суҳробанд,**
**Дар тахтаи пушти пуштаҳоят хобанд,**
**Қишлоқаки кудакӣ пур аз куштаи ту,**
**Дар тахтаи пушти ман бувад пуштаи ту.**

Ё ин ки, ишора ба «Достони Сиёвуш», ки яке аз достонҳои машҳур ба шумор меравад ва қатли қаҳрамони марказӣ - Сиёвуш лаҳзаи аз ҳама ҳассоси он аст, шоир навиштааст:

**Дар пуштазамин гули сияҳгӯш дамид,**
**Монанди арӯсаки сияҳпӯш дамид.**
**Аз хуни тағораи Сиёвуш дамид,**
**Тоҷи сару лоиқи баногӯш дамид.**

Гузоштани номи бузурги ниёи хеш ба фарзандону пайвандон нишонаи ифтихор ва ғурури миллист. Ишора ба паҳлавониву далерии қаҳрамони дигари «Шоҳнома» Ардашери Бобакон - асосгузори сулолаи Сосониён, бо истифода аз санъати талмеҳ шоир чунин тасвир кардааст:

**Ҳарчанд ки Ардашер кӯдак будаст,**
**Муште, ки дар ӯст, мушти мардак будаст.**
**Ҳар бузбалаеро зада меафтонад,**
**Аз решаи Ардашери Бобак будаст.**

Шоир дар рубоиёташ тавонистааст, ки бо ишораҳои сабук аз қаҳрамонҳои шоҳасари Фирдавсӣ ва саргузашту ҳодисаҳои он ёдовар шавад. Барои ба умқи маънӣ расидан ва беҳтар дарк кардани мазмуни чунин рубоиҳо месазад ҳам худ «Шоҳнома» хонду ҳам ба дигарон омӯхтани онро тавсия дод.

*Моҳира АШӮРЗОДА,*
*омӯзгори МТМУ №60-и шаҳри Ваҳдат*

ЁДВОРА

# МУҲАҚҚИҚ ВА ОМӮЗГОРИ АСИЛ

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон на танҳо махзани тайёр кардани кадрҳои баландихтисос барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, балки бузургтарин маркази илму маърифат ба ҳисоб меравад. Дар ин боргоҳ олимону донишмандони зиёд кору фаъолият намуда, дар тарбияи мутахассисони соҳибунвон саҳми босазо гузоштаанд. Яке аз чунин донишмандон доктори илми таърих, профессор Абдусаттор Мухторов буд, ки фаъолияти илмиву омӯзгориаш дар ДМТ тавъам чараён гирифтааст. Профессор Мухторов ҳанӯз аз овони донишҷӯйӣ ба фаъолияти илмӣ рӯ овардааст. Ӯ дар ин давра яке аз аъзои фаъоли ҷамъияти илмии донишҷӯёни факултети таъриху филологияи Университети давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) ва иштирокчии доимии маҳфили илмии таърихи халқи тоҷик буд. Дар маҳфилҳои илмӣ маърӯзаҳо мекард. Аз худ қобилияти баланди таҳлилу муқоиса ва хулосаҳои илмӣ баровварданро зоҳир менамуд. Таваҷҷуҳи устоди ояндааш, академик Зариф Раҷабовро бо чунин қобилияти баланд ҳанӯз аз овони донишҷӯӣ ба худ ҷалб кардааст. Боре маърӯзаи ӯ бо номи «Азхудкунии заминҳои бекорхобидаи Дилварзин» дар маҳфили илмӣ баҳои баланд гирифт. Маърӯзаи дигари илмиаш дар мавзуи «Вазъи сиёсии Осиёи Миёна дар арафаи забти Россия», ки бо роҳбарии Зариф Раҷабов омода гардида буд, аз тарафи муҳаққиқон баланд арзёбӣ гардид. Чунонки худи ӯ дар ёддоштҳояш дарҷ кардааст, маҳз ҳамин суханронӣ роҳашро «ба қуллаҳои баланди илми таърих мунаввар сохт».



Абдусаттор Мухторов баъди хатми донишгоҳ як муддат дар рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон», «Тоҷикистони Советӣ» ва маҷаллаи «Коммунисти Тоҷикистон» ба фаъолияти рӯзноманигорӣ машғул гардида, дар баробари ин, пажуҳишро низ давом медод. Соли 1969 бо мақсади анҷом додани таҳқиқоти илмӣ ба шуъбаи аспирантураи ДМТ дохил шуда, дар кафедраи таърихи ИҶШС зери роҳбарии академик Зариф Раҷабов ба таври ҷиддӣ ба пажуҳиш камар мебандад. Ҳамин буд, ки кӯшишу заҳматҳояш дар ҷодаи пурмашаққати таҳқиқоти илмӣ самараи хуб ба бор овард. Мавсуф охири солҳои 60-уми асри гузашта рисолаи номзадии худро дар мавзуи «Инкишофи илм дар Тоҷикистон (солҳои 1946-1965)» ба муҳокимаи васеи олимону донишмандони соҳаи таърих пешниҳод намуд ва соли 1970 онро бомуваффақият ҳимоя кард. Соли 1974 мавзуи рисолаи докторҳии худро тахти унвони «Баланд шудани қобилияти меҳнатию ҷамъиятии деҳқонони тоҷик (дар солҳои 1961-1980)» тасдиқ намуда, аз пайи ҷустуҷӯҳои нави илмӣ шуд.

Устод соли 1981 ҳангоми дар курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни таърихи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов таҳсил намудан бо устодони ин даргоҳи бузурги илм шинос гардида, рисолаи докторҳии худро ба баррасии донишмандон пешниҳод намуд. Рисолаи докторӣ аз тарафи муаррихи машҳури деҳотшинос Анна Чиника баҳои баландро сазовор гардид. Соли 1991 устод Абдусаттор Мухторов рисолаи доктории худро бомуваффақият ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илми таърих гардид. Асарҳои мондагори устод «Сомониён: замон ва макон», «Таърихи халқи тоҷик» (дар ду ҷилд дар ҳаммуаллифӣ бо А. Раҳматуллоев) маҳсули заҳматҳои баъди солҳои 90-уми устод ба ҳисоб мераванд. Дар умум, устод Абдусаттору Мухторов муаллифи беш аз 30 рисолаву китоб ва 500 нигоштаҳои публитсистӣ мебошад.

Дар баробари ин, устод А. Мухторов яке аз фаъолони «Ҷамъияти дониш» буд. Дар доираи фаъолият дар ин ҷамъият ба тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ сафарҳо мекард. Бо шахсони зиёд ошноӣ дошт, ки албатта, ҳамчиншинӣ бо чунин шахсон низ ба доираи ҷаҳонбинию фаъолияти эшон бетаъсир намонда буд. Ҳамчунин, ӯ узви ду Шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба ҳимояи рисолаҳои доктории таърих ва филология буд ва дар омода намудани мутахассисони дорои дараҷаҳои илмии номзаду доктори илми таърих ва номзаду доктори илми филология (доир ба ихтисоси журналистика) саҳми назаррас гузоштааст. Дар давраи фаъолият дар шуроҳои диссертатсионӣ ба унвонҷӯён маслиҳатҳои муфид дода, ба чандин диссертатсия барои дарёфти дараҷаҳои илмии номзаду доктори илми таърих ва филология тақризҳо навишта, баҳои беғаразонаи илмӣ додааст. Илова бар ин, зери роҳбариаш чандин нафар рисолаи номзадиву докторӣ ҳимоя намудаанд.

Фаъолияти омӯзгории Абдусаттор Мухторов аз моҳи сентябри соли 1970 дар факултети таърихи ДМТ шурӯъ гардида, то лаҳзаи вопасини умр якҷоя бо фаъолиятҳои илмию рӯзноманигорӣ давом кардааст. Ӯ, дар ҳақиқат, омӯзгори асил буда, аз фанни таърихи халқи тоҷик ба донишҷӯён дарс медод.

Устод озодона ва ниҳоят шавқовар дарс мегузашт, ки ин омил таваҷҷуҳи донишҷӯёнро ҷалб менамуд. Ҳаргиз ба лексия навиштан маҷбур намекард, балки ҳангоми дарсҳои амалӣ барои он ки донишҷӯён хуб тайёр шуда оянд, доир ба ҳар як мавзуъ адабиёти илмии таълимии гуногун тавсия мекард. Дарвоқеъ, хидмати устод А. Мухторов дар вусъати илми таърих дар кишвар ва ба камол расидани шогирдони донишманду таърихдон мондагор аст.

*Меҳроб ҶУМЪАЕВ,*
*доктори илми филология, профессор*

Дар шаҳри Душанбе Пажуҳишгоҳи фарҳангии тоҷикӣ-форсӣ ифтитоҳ гардид.

*Чобукӣ даркор аст, осемагӣ хатар дорад.*
*Александр Суворов*





# ЁДЕ АЗ ДОНИШМАНДИ ВАРЗИДАВУ ЗАҲМАТКАШ

Чанде пеш дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ифтихори 65-солагии адабиётшинос ва муҳаққиқи номвар, шодравон Муртазо Зайниддинзода таҳти унвони «Масъалаҳои равобити адабӣ ва тарҷума дар замони истиқлол» ҳамоиш баргузор гардид. Дар он адибону пажуҳишгарон ва донишмандони тоҷик иштирок намуда, доир ба фаъолияти эҷодиву пажуҳишӣ ва хидматҳои мавсуф дар таҳкими робитаҳои адабӣ ва муаррифии адабиёти тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ суханронӣ карданд. Ба ин муносибат китоби «Номаи донишварон» (Хуҷанд: Ношир, 2024. – 372 с.) чоп гардид, ки дар он дӯстону ҳамкорон ва адабиётшиносон доир ба хидмати устод М. Зайниддинзода дар таҳқиқи адабиёт, робитаҳои адабӣ ва таълиму тарбия бо ихлосу самимият меҳрномаҳои хешро навиштаанд. Инчунин, китоби дигаре таҳти унвони «Мизони сухан» (Москва, Кетлеров, 2024. – 204 с.) ба табъ расид, ки дар он мақолаҳои дар солҳои охир ба нашр расондаи мавсуф гирдоварӣ шудааст.

***

Фаъолияти устод Муртазо Зайниддинзода серпаҳлую доманадору фарогир мебошад. Мавсуф ҳам дар ҷодаи таҳқиқ, ҳам дар ҷодаи таълим ва ҳам дар ҷодаи роҳбарӣ аз худ нақши борiз гузоштааст. Ҳангоми фаъолият дар факултети журналистика як муддат М. Зайниддинзода декани факултет буд ва ба мо-донишҷӯён аз таърихи адабиёти хориҷӣ дарс мегуфт. Дарсҳои муаллим хеле рангину ҷолиб сурат мегирифтанд. Мавзуъҳои дарсиро моҳирона ба муҳассилин шарҳу тавзеҳ мебахшид ва асарҳои зиёдеро аз адабиёти ҷаҳон медонист. Зимни тадриси мавзуъҳо аз асарҳои адибони ҷаҳон порчаҳо азёд мегуфту ғояи он асарҳоро маънидод мекард. Омӯзиши васеъ аз адабиёти ҷаҳон дошт ва аз ин рӯ, бо ташкил ёфтани Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доной китоб аст» аз номинаи адабиёти ҷаҳон чанд сол ҳамчун раиси ҳакамон фаъолият дошт, ки ин аз эътирофи ӯ дар доираи илму адаби кишвар шаҳодат медиҳад.

***

Дар ҷодаи таҳқиқ низ устод М. Зайниддинзода сермаҳсул буда, мунтазам дар саҳифаҳои матбуот нигоштаҳояш доир ба ҷараён ва робитаҳои адабии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ чоп мегардиданд ва дар онҳо нақши адабиёт дар таҳкими дӯстӣ ва таҳвияти ҳамкориҳо таҳлилу арзёбӣ мешуданд. Бояд гуфт, ки ҳар гоҳ сухан аз пайванди адабии мардуми тоҷик бо дигар кишварҳо, хусусан, адабиёти тотор равад, номи устод Муртазо Зайниддинзода дар қатори беҳтарин пажуҳишгарон қарор мегирад. Таҳқиқу баррасии робитаҳои адабии халқи тоҷик бо дигар миллатҳо аз муҳимтарин мавзуъҳои адабиётшиносӣ маҳсуб ёфта, дар таҳкими ҳавзаҳои адабии кишварҳо, дӯстӣ ва муаррифии адабиёти оламшумули тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат мекунад. Дар зимн, баррасии робитаҳои адабии тоҷику тотор аз муҳимтарин таҳқиқоти мавсуф ба ҳисоб меравад ва ӯ асарҳои зиёдеро дар ин самт таълиф кардааст. Китобҳои «Қаюм Носирӣ. Абуалӣ Сино», «Ёде аз бузургон», «Пайванди халқҳо ва тамаддунҳо» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Дар баробари ин, ӯ мақолаҳои зиёде доир ба робитаҳои адабӣ эҷод намудааст, ки омӯзиши онҳо барои аҳли илму адаб ва пажуҳишгарон муфид хоҳад буд. Дар умум, хидмати устод М. Зайниддинзода дар таҳкиму тақвияти робитаҳои адабии кишварҳои хориҷӣ мондагор аст.

***

Китоби нави устод М. Зайниддинзода «Мизони сухан», ки навиштаҳои солҳои охири муаллифро дар бар мегирад, дар шинохти бештари адибони олимони номвар ва робитаҳои адабӣ сарчашмаи муътамад маҳсуб меёбад. Дар китоби мазкур мақолаҳои «Шеъри ҳунар ва истеъдод», «Ғазал пир нашудааст», «Зуҳури фарҳанги ҳиндӣ ва густариши робитаҳои адабӣ», «Дилдодаи мизони сухан», «Дар паноҳи руҳи бузургон», «Осори чеҳраҳои адабиёти ҷаҳон дар тарҷумаи Сотим Улуғзода», «Нақши мунаққид дар тағйироти сифатӣ пайдо кардани асари бадеӣ», «Болиғназар», «Тақдири таърихи «Дафтари Маобит»-и Мусо Ҷалил», «Назаре ба саргаҳи равобити халқҳои тоҷику белорус», «Бозтоби чеҳраи Асрорӣ дар ашъори шоирони тоҷик», «Ёди ёри меҳрубон», «Ҳодии ҳақсиришт», «Чеҳраи пурҷило», «Вафодори сухан», «Дӯстони беғаразу бекинаем», «Тарғибгари дӯстиву рафоқат», «Фазилати суннати дерин» ва «Суруди дилангези дӯстӣ» фароҳам



оварда шудаанд. Мазмуну муҳтавои нигоштаҳои муаллиф гуногун буда, дар онҳо вобаста ба масъалаҳои адабиётшиносӣ, офаринишҳи симои муҳаққиқону олимони номвар, вижагиҳои тарҷумаи бадеӣ ва равобити адабӣ сухан меравад.

***

Муаллиф дар мақолаи «Осори чеҳраҳои мондагори адабиёти ҷаҳон дар тарҷумаи Сотим Улуғзода» марҳала ба марҳала тарҷумаҳои осори адибони номвари ҷаҳонӣ ва маҳорати тарҷумонии устод С. Улуғзодаро барои хонанда равшан намудааст. Ба тарҷума рӯ овардани нависандаи забардаст ва аввалин тарҷумааш дар ҳаммуаллифӣ аз ҷониби адибони маъруфи замон, аз ҷумла, устод Айнӣ баҳои баланд гирифта, ин омил шавқу рағбати ӯро ба ин пешаи мушкилписанд бештар кардааст. Маълум аст, нахустин асаре, ки С. Улуғзода тарҷума кардааст, ҳикояи қиссамонанди М. А. Алексеев «Сом ва Дик» мебошад, ки он соли 1929 бо ҳамкалимаи донишҷӯйии факултети шарқшиносии Донишгоҳи Тошканд – Понов аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааст. Маҳз ҳамин тарҷума нависандаро барои тарҷумаҳои бештар шавқманд намуд ва дар ин ҷода аз муваффақтарин тарҷумонҳо гардид. Баъдан романи «Ғурмагас»-ро бори нахуст бо номи «Занбӯр» аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума намуд ва ин амал ӯро ҳамчун тарҷумони баркамол ба аҳли адаб муаррифӣ кард. Дар баробари ин, дар нашри минбаъдаи романи «Ғурмагас» аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки бори дигар ин романро бознигарӣ намояд. Нависанда баъди беш аз 50 соли нахустини тарҷума заҳмати хешро дар ин самт баҳогузорӣ ба дар сарсухани соли 1982-и романи «Ғурмагас» чунин менигорад: «Тарҷумаи тоҷикии роман нахустин бор соли 1931 ба алифбои арабӣ бо номи «Занбӯр» чоп шуда буд. Баъд аз он роман ду карат нашр шуд, лекин ҳар ду дафъа ҳам бе иштироки мутарҷим дар тасҳеҳ ва таҳрири нави он. Вақте нашриёти «Маориф» барои нашри чаҳорум тайёр кардани романро аз ман хоҳиш кард, ман баъди 50 сол тарҷумаи худамро аз нав хонда баромада дидам, ки дар он вақт камтаҷрибагии мутарҷими навҷавон, забони русиро ва ҳатто забони адабии худамро ҳам пухта надонистани ӯ ва инчунин, ҳанӯз такмилнаёфта будани услуби таҳрири ӯ ба тарҷума акси худро бекаму кост зада будааст. Ғайр аз инҳо, аз чӣ сабаб бошад, ки баъзе порчаҳои роман аз тарҷума афтода мондааст».

Дар ин миён, муаллиф аз маҳорати тарҷумонии С. Улуғзода сухан ба миён гузошта, хидмати ӯро дар тарҷумаи беҳтарин асарҳои адабӣ муайяну мушаххас кардааст. С. Улуғзода ҳам дар тарҷумаи назм, ҳам наср ва ҳам дар драматургия дасти тавоно дошта, намунаи беҳтарин асарҳои ҷаҳониро барои хонандаи тоҷик тарҷума ва пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, асарҳои Этел Лилиан Войнич («Ғурмагас»), А. Островский («Гунаҳкорони бегуноҳ»), Билл Белосерковский («Ҳаёт даъват мекунад»), Галдони («Хизматгори ду хоҷа»), «Ҳамлет»-и Шекспир, «Дон Кихот»-и Сервантес «Тил Уленшпигел»-и Шарл де Костерро тарҷума кардааст. Воқеан, хидмати С. Улуғзода дар тарҷумаи беҳтарин асарҳои ҷаҳонӣ шоистаи таҳсину омӯзиш мебошад ва дар ин ҷода нависандаи дақиқназар маҳорату малакаи баланд доштаву китобҳоро тарзе тарҷума кардааст, ки хонанда ҳадафи адибонро дарку маърифат менамояд ва гумон мекунад, ки он бо забони тоҷикӣ таълиф шуда бошад, ки ин аз муҳимтарин вижагии тарҷума маҳсуб меёбад. Муаллиф барои муқоиса тарҷумаи русии асарҳои тарҷуманамудаи нависандаро ба таври намуна овардаву дар ин замина маҳорати тарҷумонии нависандаро барои хонанда нишон медиҳад. Ин нуктаро дар хулосаи муҳаққиқ М. Зайниддинзода ба дурустӣ метавон дарёфт намуд: «Сотим Улуғзода дар таърихи тарҷумаи тоҷик шахсияти тавоно ва ҳунармандест, ки тавоноии ҳам нависандаи бузург ва ҳам тарҷумони асилро дошт ва дар ин замина хидмати бесобиқаеро анҷом дод. Намунаҳои классикии наср ва драматургияи ҷаҳонӣ ба туфайли истеъдод ва хидмати фидокоронаи ӯ моли адабиёт ва забони тоҷикӣ шуданд».

***

Мавзуи равобити адабии мардуми тоҷик ба дигар халқҳо аз муҳимтарин пажуҳишҳои устод М. Зайниддинзода ба ҳисоб меравад. Метавон гуфт, ки дар тарғиби адабиёти тоҷик дар арсаи ҷаҳон ва ҳамкориҳои адабӣ хидмати устод мондагор аст ва дар ин боб нигоштаҳои зиёде ба табъ расондааст. Аз ҷумла, дар китоби «Мизони сухан» чанд мақолааш оварда шудааст, ки ба равобити адабии мардуми тоҷик бо дигар халқҳо, аз қабили беларус, ӯзбек ва қазоқ бахшида шудаанд. Дар мақолаҳои мазкур муаллиф ҳангоми муайян намудани равобити адабӣ ва дӯстии адибони халқҳои мавриди назар заминаи ташаккули онҳоро бо далелҳои илмӣ мушаххас менамояд ва андешаҳояшро бо овардани абёт ва иқтибосҳо аз асарҳои илмию адабӣ тақвият мебахшад. Муаллиф мавзуи равобити адабии мардумони тоҷику қазоқро дар заминаи омӯзиши асарҳо ва таъсирпазирии адабиёти тоҷик ба адибони қазоқ мавриди таҳлил қарор додааст. Ба ин маънӣ, муҳаққиқ зикр менамояд, ки намунаи равшани таъсирпазирӣ достонҳои «Искандар», «Масъуд» ва «Пандномa»-и Абай аст, ки дар пайравии «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус таълиф шудаанд. Ҳамкории мутақобилан судманди адибони тоҷику қазоқ дар эҷодиёти адибони ҳар ду миллат ба таври чашмрас намудор мегардад. Ба таъкиди муҳаққиқ, нависандаи номдори қазоқ Мухтор Авезов аз дӯстдорони адабиёти тоҷик буда, бо шоиру нависандагони тоҷик дӯстиву ҳамкории самарабахш доштааст. Дар зиндагиномаи ин адиби забардаст, аз меҳру муҳаббати ӯ ба устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ ва дигар адибони тоҷик сухан меравад.

Ташаккулу таҳаввули ин равобитро метавон дар чопи асарҳои адибони тоҷик бо забони қазоқӣ дар Қазоқистон ва тарҷумаи асарҳои адибони қазоқ дар Тоҷикистон тасдиқ намуд, ки ин ҳамкориҳо дар муаррифии адабиёти тарафайн мусоидат бинмудааст.

Бояд қайд кард, ки равобити адабии халқҳои тоҷику беларус, асосан, дар замони Шуравӣ ба вуҷуд омадаву тадриҷан густариш ёфтааст. Дар зимн, равобити халқҳои тоҷику ӯзбек, ки заминаи таърихии он аз Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ оғоз меёбад, дар замони истиқлол вусъат ёфтааст. Имрӯз ба таври чашмрас осори адибони тоҷик бо забони ӯзбекӣ ва осори адибони ӯзбек бо забони тоҷикӣ тарҷума ва нашр мегарданд.

Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки раванди ташаккули робитаҳои адабии мардумони тоҷик бо кишварҳои хориҷӣ дар замони истиқлол ва марҳалаи нави рушд ворид гардида, ҳамкориҳо дар ин самт ба таври мудовим идома дошта, пайваста ҳамоишҳои муштарак баргузор ва асарҳои адибони тоҷик дар кишварҳои хориҷӣ ва асарҳои адибони хориҷӣ дар мамлакат чоп ва дастраси хонандагон мегарданд. Ба ин мазмун, китоби «Мизони сухан»-и устод Муртазо Зайниддинзода барои аҳли илму адаб ва шинохти бештари равобити адабӣ бо кишварҳои хориҷӣ муҳимму муфид мебошад.

***

Дарвоқеъ, хидмати устод Муртазо Зайниддинзода доир ба шинохти масъалаҳои адабиётшиносӣ, нақди адабӣ, робитаи адабию тарҷумаи бадеӣ, масъалаҳои гуногуни назму наср, ҳунари эҷод, нақши пайвандҳои адабӣ дар таҳаввули адабиёти халқҳо, бозтоби шахсият ва мақоми донишмандону муҳаққиқон, адибону мутарҷимон, ки дар рушди адабиёту фарҳанги миллӣ хидмати арзанда кардаанд, бориз аст.

…Агар риштаи умри устод М. Зайниддинзода бармаҳал канда намешуд, барои илму адаби тоҷик хидматҳои бештареро анҷом медод. Аммо умр вафо накард, вале хидматҳои ин донишманди тавоно дар таълиму тарбия ва пажуҳишҳои арзишманди дар рушди илми тоҷик ӯро дар қалби аҳли илму адаб ва шогирдону дӯстон то абад зинда нигоҳ медорад.

*Эҳсон САФАРЗОДА,*
*Насриддин ОХУНЗОДА,*
*«Омӯзгор»*

**Дар шаҳри Душанбе Форуми олимону пажуҳишгарони Тоҷикистон ва Эрон баргузор шуд.**

БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОН

# ШАРҲИ МУХТАСАРИ «АЙВОНИ МАДОИН»-И ХОҚОНӢ

Пас аз «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, ки саропо таърихи пешазисломии мардуми моро фаро гирифтааст, дар таърихи адабиёти асримиёнагӣ Хоқонии Шарвонӣ (1126-1197) аз суханваронест, ки дар ашъораш бештар аз ҳама асотири Эрони пешазисломӣ ифода ёфтааст ва ин гувоҳи он аст, ки ӯ аз таърихи Эрони бостон ва шахсиятҳои устураии он огоҳии жарфтаре дорад. Номҳои подшоҳон ва шахсиятҳои устуравие, ҳамчун Ҷамшед, Фаридун, Кова, Заҳҳок, Ковус, Кайқубод, Кайхусрав, Сиёвуш ва подшоҳони таърихӣ чун Анӯшервону Хусрави Парвиз дар сурудаҳои ӯ бозтоби равшан ва возеҳ доранд. Зикри номи паҳлавонони ҳамосӣ, чун Золу Симурғ, Рустаму Афросиёб, Рустаму Суҳроб, Исфандиёру Ораш, Бежану Манижа ва дигарон дар ашъори ӯ назаргир аст. Ин огоҳию ошноиҳо аз фарҳангу асотири пешин боиси пайдоиши истиораву ташбеҳ, кинояву иҳом ва умуман, тасвирҳои зебо дар девони Хоқонӣ шудаанд.

Яке аз беҳтарин қасидаҳои Хоқонӣ «Айвони Мадоин» аст, ки ҳамаи суханшиносону муҳаққиқон онро намунаи олии марсияи иҷтимоӣ шумурдаанд. Ин қасида аз 42 байт иборат буда, дар баҳри ҳазаҷи мусаммани аҳраб (мафъулу мафоилун мафъулу мафоилун) иншо гаштааст.

Дар китоби «Адабиёти тоҷик» (Сатторзода А. Адабиёти тоҷик. Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: «Маориф», 2024) яке аз мавзуъҳо ба Хоқонӣ бахшида шудааст (саҳ.251-260). Муаллифи китоб маълумоти хеле мухтасар, вале пурмаънӣ дар бораи Хоқонӣ ва осор, мақому мартабаи ӯ дар адабиёт дода, сипас қасидаи «Айвони Мадоин»-ро пурра оварда, таҳлил намудааст. Бояд эътироф кард, ки китоби мазкур яке аз беҳтарин китобҳои фанни адабиёт барои мактабҳои миёна ба шумор меравад.

Барои таҳлил ва шарҳи пурраи ин қасида саҳифаҳои зиёде лозим мешавад ва дар ин мухтасар ба қадри имкон кӯшиш мекунем, ки танҳо байтҳоеро шарҳ бидиҳем, ки фаҳмиданашон барои омӯзгорон душворӣ пеш меоранд.

**Ҳон, эй дили ибратбин, аз дидаи бар кун, ҳон,**
**Айвони Мадоинро ойинаи ибрат дон.**

**Вожашиносӣ:** Ҳон – нидо барои огоҳонидан, огоҳ бош, ба ҳуш бош; ибратбин – ибратгир, андарзпазир, он ки ибрат пазирад. Сабақе, ки одамон аз мушоҳида ва мулоҳизаи аҳволи дигарон мегиранд, Панд, намуна, дарси ҳаёт, ба эътибор гирифтани таҷрибаи зиндагии дигарон; Ибар – шакли ҷамъи ибрат, инчунин, шакли ҷамъи абрат (ашк); айвон – кушк қаср, кох; пеши хона, даҳлез; тоқ ва нишастгоҳи бузургон; айвони Мадоин – тоқи Кисро, ки дар Мадоин (Тайсафун) воқеист; Мадоин – номест, ки арабҳо ба маҷмуи ду шаҳр – Тайсафун дар соҳили чапи Даҷла ва Сулукия дар соҳили рости он ва панҷ шаҳри дигар ниҳода буданд ва маҷмуи ин шаҳрҳоро «Мадоини сабъа» мехонданд ва барои осон шудани талаффуз «сабъа»-ро ҳазф карданд ва Мадоин мегуфтанд ва чун тоқи Кисро дар шаҳри Тайсафун бино шуда буд, маҷозан ба Тайсафун «Мадоин» итлоқ шудааст;

**Маънӣ:** Эй дили ибратбин, аз мушоҳидаҳои худ панд бигир ва вайронаҳои айвони Мадоинро мояи ибрат қарор бидеҳ.

**Як раҳ зи лаби Даҷла манзил ба Мадоин кун**
**В-аз дида дуввум Даҷла бар хоки Мадоин рон.**

**Вожашиносӣ:** Як раҳ – як бор; Даҷла – рӯди бузургест, ки аз доманаҳои ҷанубии силсилаи кӯҳҳо дар шимоли Туркия сарчашма мегирад пас аз тайи мусофирате тӯлонӣ ба Фурот мепайвандад ва Арвандрӯдро ташкил менамояд, сипас ба халиҷи Форс мерезад; дуввум – сифати ададии тартибӣ, ки пеш аз мавсуфи худ омадааст, «дуввум Даҷла» истиора аз ашки фаровон аст.

**Маънӣ:** Як бор аз роҳи Даҷла дар Мадоин фуруд ой (ва ба ёди гузаштаҳову нопойдории ҷаҳон) ашки бисёр бирез ва Даҷлаи дигаре бар хоки Мадоин ҷорӣ бикун.

**Бар Даҷла гирӣ нав-нав в-аз дида закоташ деҳ,**
**Гарчи лаби дарё ҳаст аз Даҷла закотистон.**

**Вожашиносӣ:** Гирӣ – ашк бирез, феъли амр аз гиристан; нав-нав – паёпай; закот – он чи барои тазкияи (пок кардан, соф кардан) мол, чунонки дар роҳи шаръ муқаррар аст дар роҳи Худо дода мешавад; закотистон – закотгир, ситонандаи закот.

**Маънӣ:** Бар Даҷла паёпай гиря кун ва аз чашми худ закоташ бидеҳ, ҳарчанд ки лаби дарё аз Даҷла закот мегирад (зеро ки оби Даҷла ба дарё мерезад ва закотдеҳро закот наметавон дод)

**То силсилаи айвон бигсаст Мадоинро,**
**Дар силсила шуд Даҷла, чун силсила шуд печон.**

**Вожашиносӣ:** Силсилаи айвон – ишора ба ҳамон занҷири машҳур ба занҷири адли Анӯшервон аст. Муаллифи «Сиёсатнома» дар бораи додхоҳии пирзане аз зулму ҷабр ба Анӯшервон нақл мекунад ва менависад, ки «Пас бифармуд то силсилае созанд ва ҷарасҳо дар ӯ даровезанд, чунонки дасти ҳафтсола кӯдак ба он бирасад, то ҳар мутазаллиме, ки ба даргоҳ ояд ӯро ба ҳоҷибе ҳоҷат набувад, силсила биҷунбонад, ҷарасҳо ба бонг оянд, Нӯшервон бишнавад, он касро пеш хонад, сухани ӯ бишнавад ва доди ӯ бидиҳад».

Дар силсила шуд – девона шуд, дар гузашта девонаҳоро занҷирбанд мекарданд.

**Маънӣ:** Чун занҷири айвони Мадоин пора шуд, Даҷла мисли девонаҳо шуд (дар силсила шуд, занҷирбанд шуд) ва монанди занҷир ба худ печон гашт (Даҷла аз гусастани занҷири адолат мутаассир шуд).

**Аз навҳаи ҷуғд, алҳақ, моем ба дарди сар,**
**Аз дида гулобе кун, дарди сари мо биншон.**

**Вожашиносӣ:** Навҳа – зорӣ, нола, гиря кардан ба овози баланд; ҷуғд – бум, парандаест аз радаи шикориёни шабона, ки бо доштани як ҷуфт кокул дар болои гӯшҳо фарққунанда аст ва бо наҳсиву номуборакӣ машҳур аст, маконаш ҷойҳои харобаву валангор мебошад; алҳақ-фи алҳақиқа – ба ростӣ; гулоб – оби хушбӯ ва муаттар, ки аз гули сурх мегиранд ва қадимиён онро барои дарди сар муфид медонистанд.

**Маънӣ:** Аз нолаву зории ҷуғд ба ростӣ, ки мо дучори сардард шудаем, ашке аз дида бирез ва гулобе бисоз ва сардарди моро таскин деҳ.

**Не Золи Мадоин кам аз пирзани Куфа,**
**Не ҳуҷраи танги ин камтар зи танӯри он.**
**Донӣ чи Мадоинро бо Куфа баробар неҳ,**
**Аз сина танӯре кан в-аз дида талаб тӯфон.**

**Вожашиносӣ:** Золи Мадоин ишора ба ҳамон пиразане, ки тибқи ривоятҳо дар шафати девори қасри Анӯшервон кулбаи найӣ сохта буд ва вақте Анӯшервон азми кандани девор кард, то майдони айвонро васеътар созад, амр кард, ки барои ин пирзан дар ҳар кучое, ки мехоҳад қасре бисозед, то кулбаашро вайрон кунем. Чун амри шоҳро ба пиразан расонданд, ӯ розӣ нашуд, Анӯшервон маҷбур шуд, он кулбаро даст нарасонад ва деворро каҷ карда, саҳни айвонро фарох бисозад, ки ин ҳам як навъ адолатпеша будани Анӯшервонро бозгӯ мекунад. Пирзани Куфа ишора ба қиссаи тӯфони Нуҳ аст, ки тибқи ривояте тӯфон аз ҳамон танӯр сар зада буд.

**Маънӣ:** Дар ин байт Хоқонӣ бо овардани қиссаи Золи Мадоину пирзани Куфа Арабу Аҷамро муқоиса карда, сипас меафзояд, ки агар мехоҳӣ шаҳомати қасри Мадоинро дарк кунӣ, бояд дар худ фурӯ биравӣ, яъне, гузаштаи худро шиносӣ ва аз ҳасрату ғами гузаштаи худ аз дидагон ашки тӯфонмонанд бирезӣ.

**Ин ҳаст ҳамон даргаҳ, к-ӯро зи шаҳон будӣ,**
**Дайлам малики Бобил, ҳинду шаҳи Туркистон.**

**Вожашиносӣ:** Дайлам ва ҳинду дар байти боло ифодагари маънии нигаҳбону ғулом аст, Бобил, Бобулистон – номи қадимаи Ироқ.

**Маънӣ:** Айвони Мадоин ҳамон даргаҳест, ки замоне шоҳони Бобилу Туркистон дарбону ғуломонаш буданд.

**Ин ҳаст ҳамон суффа, к-аз ҳайбати ӯ бурдӣ,**
**Бар шери фалак ҳамла шери тани шодурвон.**

**Вожашиносӣ:** Суффа-айвони сақфдор; шери фалак- бурҷи асад, ки дар минтақатулбуруҷ миёни бурҷи саратон ва бурҷи сунбула воқеъ аст; шодурвон- саропарда, ки дар гузашта пеши дари хона ва айвони подшоҳон ва амирон меовехтанд; шери тани шодурвон – ишора ба сурати шер дар рӯи саропардаи сулолаҳои сосонӣ.

**Маънӣ:** Ин ҳамон суффаест, ки замоне шоҳони Сосонӣ нишаста фароғат мекарданд ва аз сурати шере, ки дар саропардаи онҳо кашида шуда буд, ҳатто шери фалак (бурҷи асад) метарсид.

**Аз асб пиёда шав, бар натъи замин неҳ рух,**
**Зери пайи пилаш бин шаҳмот шуда Нӯъмон.**
**Не-не, ки чу Нуъмон бин пилафкани шоҳонро,**
**Пилони шабу рӯзаш гашта ба пайи даврон.**
**Эй бас шаҳи пилафкан,к-афканда ба шаҳ пилӣ,**
**Шатранҷии тақдираш дар мотгаҳи ҳирмон.**

**Вожашиносӣ:** Натъ – бисот ва фарши чармин ва маҷозан ба маънои фарши густарданӣ, чун натъи шатранҷ, натъи хоб ва амсоли ин; рух – яке аз муҳраҳои шатранҷ, ки ба шакли рухи мурғи мавҳум сохта мешуда ва ба ду интиҳои сафи аввал ниҳанд ва ба чаҳор сӯи рукъа то ҳама ҷо рост раванд, ду муҳраи сафед дар шатранҷ, ки шакли устувона доранд; Нуъмон – Нуъмон ибни Мунзар, маъруф ба Нуъмони саввум аз подшоҳони оли Лахм ё мунозараи Ҳира дар даврони ҷоҳилият ва муосири подшоҳони Сосонӣ. Нуъмон (585-613 м.) дар замони Ҳурмузи Анӯшервон ва бо фармони ӯ ба соли 593 мелодӣ ба подшоҳии Ҳира расид ва то замони Хусрави Парвиз салтанат дошт. Хусрави Парвиз бар ӯ ғазаб кард ва ӯро дар Хонақайн ба зиндон партофт ва навиштаанд дар он зиндон аз тоъун мурд. Баъзе гуфтаанд, ки Хусрави Парвиз ӯро зери пои фил афканд ва ба лагади пилон ҳалок шуд (Шарҳи луғот ва таъбироти девони Хоқонӣ, саҳ. 1545).

Дар тавзеҳи Мирҷалолиддини Каззозӣ омадааст, ки «Хусрав Анқафир – духтари Нуъмонро, аз ӯ ба занӣ хоста буд. Анқафир, ки тарсо шуда буд аз рафтан ба машкуии шоҳӣ сар бартофт ва ба дайре паноҳ бурд ва ба шумори роҳибагон даромад… ва саранҷом Нуъмон ҷон бар сари он ниҳод» (Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ, саҳ. 484); ҳирмон – ноумедӣ.

**Маънӣ:** Вақте аз канори Даҷла савори асп мегузарӣ, замоне биист, аз асп пиёда шаву рӯятро ба замин бинеҳ. Он гоҳ мебинӣ, ки Нуъмон ибни Мунзар чӣ тавр зери пои фил ба ҳалокат расидааст. Яъне, гардиши рӯзгор (пилони шабу рӯз) бисёр шоҳони зӯру тавоноеро, мисли Нуъмони Мунзар кушта, аз байн бурдааст ва шатранҷии сарнавишт онҳоро дар мотгаҳи ноумедӣ қарор додааст.

**Кисрову турунҷи зар, Парвизу беҳи заррин,**
**Барбод шуда яксар, бар хок шуда яксон.**

**Вожашиносӣ:** Кисро – шакли арабишудаи Хусрав аст; турунҷи зар – меваи заррин, турунҷи заррини Хусрави Парвиз аст, турунҷе, ки аз зари дастафшор сохта буд ва ҳар гоҳ мехост бо андак зӯри даст нарм мешуд (Зиёуддини Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғот ва таъбирот бо шарҳи эълом ва мушкилоти девони Хоқонӣ.- Теҳрон,1374, саҳ. 254); беҳ – навъе аз меваҳои хушбӯи себмонанди обӣ (Фарҳанги забони тоҷикӣ, саҳ. 180).

**Маънӣ:** Хусрави Парвиз бо турунҷи зару беҳиزарринаш дигар нест, ҳама ба хок яксон шудааст.

**Парвиз кунун гум шуд, з-он гумшуда камтар гӯ,**
**Заррин тара ку бар хон? Рав камтараку бархон.**

**Вожашиносӣ:** Мирҷалолиддини Каззозӣ дар шарҳи ин абёт менависад: «Яке аз шигифтиҳои Хусрави Парвиз хони заррин будааст, ки ҳама он чи дар он ниҳода мешудааст, низ аз зар будааст, монанди тараи зарин… миёни «камтар гӯ» ва «камтараку» ҷиноси мураккаби мафруқ метавонем ёфт, бадеъиёни куҳан дар миёна коф ва гоф ҷудоӣ намениҳоданд, «тара ку» низ бо «тараку» ҷиносе аз ҳамон гуна метавонад дошт» (Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ. - Теҳрон, 1385, саҳ. 485).

**Аз хуни дили тифлон сурхоби рух омезад,**
**Ин Золи сапедабрӯ в-ин моми сияҳпистон.**

**Вожашиносӣ:** Сурхоб - гулгуна, моддаи сурхранг, ки занон ба гунаи худ мемоланд; Золи сапедабрӯ- истиора аз дунё ба эътибори куҳнагӣ ва ҳамчунин, метавонад ба маънои рӯз бошад; моми сияҳпистонзане, ки фарзандаш зинда намемонад ва низ зане, ки ҳар тифлро шир диҳад, бимирад, истиора аз дунё ба эътибори шумӣ, наҳсӣ ва фарзандкушии он. Ҳамчунин, ба маънои сиёҳӣ ва торикӣ, яъне, шаб. Яъне, шабу рӯз, ки айёмро ташкил медиҳад. Гардиши фалак.

**Маънӣ:** Гардиши фалак ҳатто ба тифлон ҳам раҳм намекунад, онҳоро кушта, аз хунашон рухсораҳои худро ранг месозад.

**Гар зоди раҳи Макка тӯша-ст ба ҳар шаҳре,**
**Ту зоди Мадоин бар туҳфа зи пайи Шарвон.**
**Ҳар кас барад аз Макка субҳа зи гили Ҳамза,**
**Пас ту зи Мадоин бар тасбеҳи гили Салмон.**

**Вожашиносӣ:** Зод – зода, ба маънии маҳсулот; тӯша – дар ин ҷо ба маънии ҳадия, раҳовард; тасбеҳ аз гили Ҳамза – ишора ба Ҳамза - амаки паёмбари ислом, ҳазрати Муҳаммад (с) аст, ки дар 57-солагӣ ба шаҳодат расид. Ва гӯянд, ки аз хоки гӯри ин шаҳид бори аввал духтари паёмбари ислом тасбеҳ месохт. Гӯри Салмони Форсӣ дар наздикии харобаҳои айвони Мадоин қарор дорад ва дар асри нуздаҳи мелодӣ деҳкадаи хурде дар муқобили он бино карданд, ки он Салмони пок ном гирифтааст.

**Маънӣ:** Яъне, агар дигар ҳоҷиён ҳамчун раҳовард ба сифати туҳфа тасбеҳ аз Арабистон биёранд, ман аз гили Салмони Форс тасбеҳ мебарам, ки ҳамчун форс дар тарвиҷу тарғиби дини ислом ӯ ҳам нақши беандоза дорад.

**Бингар, ки дар ин қитъа чӣ сеҳр ҳамеронад,**
**Маҳтуки мусаббаҳдил, девонаи оқилҷон.**

**Вожашиносӣ:** Сеҳр рондан- соҳирӣ кардан, киноя аз овардани каломи фасеҳ ва устувор; маҳтук-беақл, маҷнун; мусаббаҳдил-дили равшан, соҳиби дили пок.

**Маънӣ:** Дар ин байт Хоқонӣ аз сари фахр худро ба маломатиён монанд мекунад, ки зоҳирашонро дар маломат мондаанд, то ботинашон саломат бошад. Ва қасидаашро қитъа гуфта, ҳамчун намунаи сеҳр онро ситоиш кардааст.

*Боймурод ШАРИФЗОДА*

**АЗ ИДОРА:** ***Аз омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик ва кулли хоҳишмандон тақозо карда мешавад, ки агар дар тафсири эҷодиёти шоирон ба абёти душворфаҳм дучор оянд, ба мо нависанд. Шарҳу тафсири шеър ва абёти мушкил ба онҳо пешниҳод мегардад.***

*Кор падари хушбахтист.*
*Бенҷамин Франклин*



**ТАВАҶҶУҲ**

# Обуна ба ҳафтономаи «Омӯзгор» барои соли 2025

Агар хоҳед, ки дар соли 2025 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, ҷолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.



***Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта – 184 сомонию 93 дирам***

**СУРАТҲИСОБИ МО**

*КВД БА ТҶ «Амонатбонк»* *РМБ 350101626*
*с/ҳ 20202972200817101000* *РМА 010009400*
*ҳ/м 20402972316264* *Ба «Омӯзгор»*

# Муаммои «Машқ»



**Аз боло ба поён:**

**2.** «Муҳаббатро зи *** бояд омӯхт» (Гуфтори халқӣ). **3.** *** Собиров, доктори илми физика-математика, донишманди тоҷик. **4.** Вожае, ки ҳангоми вохӯрӣ ва ба ҳам омадан нахуст талаффуз мешавад. **5.** Алафи баҳории хӯрданӣ. 6. «*** номарасонам мебарад» (Раҳмат Назрӣ). **8.** Ҳарфи алифбои ниёгон. **10.** Матнеро ба пурраги хондан. **12.** Ҷузъи либос. **13.** Ҷумҳурӣ дар қитъаи Аврупо. **14.** «***у таълим ҳарду мебояд, Кори бемашварат наку н-ояд». **15.** Ҷинсият. **16.** Абубакри ***, файласуфи асрҳои миёнаи тоҷик.

**Аз чап ба рост:**

**1.** Муродифи вожаи «ташаккур». **4.** Макон, ҷойи фораму хушбоду хушҳаво. **7.** Асбоб, яроқи шикорӣ. **9.** «*** ғами фардои қиёмат чӣ хӯрӣ? (Хайём). **11.** Шаҳри қаҳрамон. **14.** Иқтисодшиноси машҳури дунё, муаллифи асари «Капитал». **15.** Исми шоири шинохтаи тоҷик. **17.** Коғази ифодакунандаи макони истеҳсол ва сифати ҳар гуна маҳсулот. **18.** Истилоҳи илми кишоварзӣ дар соҳаи чорводорӣ. **19.** Ҳаммаънои калимаи «ҳамеша».

*Мураттиб Ҳотами ХОМИД, «Омӯзгор»*

**ЧАШМАНДОЗ**

# Маорифи ҷаҳон

**Зинаи литсенсиат дар Ангола**

Дар Ангола соли таҳсил моҳи феврал оғоз шуда, дар моҳи ноябр ба итмом мерасад. Дар муассисаҳои кишвар таълим аз рӯйи низоми португалӣ ба роҳ монда шудааст. Забони расмии Ангола португалӣ буда, мардумаш аз 46 забони дигар низ истифода мекунанд.

Дар муассисаҳои мамлакат низоми баҳогузории 20-бала ба роҳ монда шудааст. Хонандае, ки бо холи баланд мактабро хатм мекунад, имкон дорад, ки таҳсилро дар муассисаҳои олӣ давом диҳад. Ин зинаи таҳсил ду марҳаларо дар бар гирифтааст, ки инҳоянд:

1.Зинаи бакалавр, ки таҳсил 2-3 сол давом мекунад.

2.Зинаи литсенсиат, ки таҳсил 4-6 сол давом мекунад.

**Исландия: 1 соли омодагӣ барои донишгоҳ**

Дар Исландия пас аз хатми синфи 11 ба донишгоҳ дохил шудан ғайриимкон аст. Донишомӯзон барои идомаи таҳсил дар донишгоҳҳо бояд 1 соли дигар омода шаванд. Якчанд барномаи бакалаврии донишгоҳҳои Исландия бо забони англисӣ ба роҳ монда шудаанд.

Муассисаҳои хусусии ин кишвар ба навъҳои гуногун тақсим шуда, барои дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ кумак мекунанд; мактабҳои классикӣ, мактабҳои касбӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ



аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Бояд қайд кард, ки дар ин мамлакат таҳсил дар моҳи август оғоз мешавад.

**Либия: стипендия барои донишҷӯёни хориҷӣ**

Дар Либия таҳсил ройгон ва ҳатмӣ буда, кӯдакони 6 то 15-сола дар зинаи ибтидоӣ таҳсил мекунанд. Баъд аз он (яъне, аз 15 то 18-солагӣ) дар мактаби миёна таҳсилро идома медиҳанд.

Дар зинаи таҳсилоти олии Либия барои донишҷӯёни хориҷӣ арзиши таҳсил нисбатан пасттар буда, инчунин, стипендияҳо низ пешбинӣ шудааст.

**Донишгоҳҳои Никарагуа**

Донишгоҳи миллии автономии Никарагуа аз қадимтарин ва машҳуртарин донишгоҳҳои кишвар мебошад. Донишгоҳи америкоии Никарагуа муассисаи хусусӣ буда, таҳсил бо забонҳои хориҷӣ аз рӯйи соҳаҳои тиҷорат, муҳандисӣ, информатика ва ғайра ба роҳ монда шудааст. Инчунин, маъмултарини ихтисосҳо дар донишгоҳҳои Никарагуа тиҷорат ва менеҷмент, санъат, дизайн, муҳандисӣ ва технология ба ҳисоб мераванд.

*Таҳияи Ирода ТИЛАБОВА, «Омӯзгор»*

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0160275, ки онро соли 2015 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №10-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Халиқов Элёр Дониёрович додааст, эътибор надорад.

ОМӮЗГОР
НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

**МУАССИС**
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**САРМУҲАРРИР**
Эҳсон САФАРЗОДА 225-81-55

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
Раҳим САИДЗОДА
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Дилшод САФАРЗОДА
Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ**
Абдурауф МУРОДӢ 225-81-58 (ҷонишини сармуҳаррир)
Насриддин ОХУНЗОДА 225-81-57 (котиби масъул)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотами ХОМИД 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

**МУХБИРОН**
Ирода ТИЛАБОВА
Хуршеда АЗИЗОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба ӯҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на беш аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

**Нишонӣ:** 734025, ш. Душанбе, хиёбони Айнӣ - 126.

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
**Индекси обуна:** 68850.
**Адади нашр:** 41853 нусха

**Почтаи электронӣ:**
n.omuzgor@maorif.tj
**Сомонаи ҳафтанома:**
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ш. Бобомуродова